Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№48 (1197)

Панҷшанбе,
28 ноябри соли 2019

# Боҷу хироҷ

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Пардохтҳои ғайринақдӣ:

## POS-терминалҳо ва афзалиятҳои онҳо




Рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ - омили инкишофи низоми молиявӣ

ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА



СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе

**Телефон:** 44-600-41-76

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
**РМА** 030007408

ПРЕЗИДЕНТ



**Таҷассуми озодӣ ва соҳибдавлатӣ**

Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ

с. 4

ҲАМКОРӢ

**Ҷаласаи XXVI Шӯрои ҳамоҳангсози роҳбарони мақомоти андози ИДМ**

с. 5

ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ

**Тадбирандешӣ бахри кам кардани бақияпулиҳо**

Чораандешӣ бахри кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва пешгирии ҳолатҳои зиёдшавии он

с. 8

СЕМИНАР-МАШВАРАТ

**Маслиҳату тавсияҳо**

Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба шумор меравад

с. 9

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

**Мактубҳои тавзеҳотӣ-мусоидат ба пешрафти кор**

Рафти иҷрои мактуби тавзеҳотии Кумитаи андоз, ки бо мақсади дар эъломияҳои андоз нишон додани музди меҳнат ирсол гардида буд

с. 12

ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ

**Сабукиҳои андозӣ бахри рушди соҳибкорӣ**

Имтиёзҳои андозӣ ба рушди соҳибкорӣ дар кишвар замина мегузоранд

с. 13

# Суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти судӣ

**Ҳозирини гиромӣ!**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чанде пеш мардуми мо 25-солагии қабули онро ҷашн гирифтанд, амалӣ гардидани ҳокимияти давлатиро дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ пешбинӣ менамояд. Дар асоси ин принсип шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба таври мустақил ва дар ҳамкории байниҳамдигарӣ фаъолият мекунанд.

Нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар идораи давлат ва пешрафти ҷомеа хеле муҳим мебошад, зеро ҳокимияти судӣ дар асоси Конститутсия ва қонунҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Вазифаҳои ҳокимияти судӣ ва таъмини адолат дар асоси принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, баробарҳуқуқии тарафҳо дар ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ сурат мегирад, ки ин меъёрҳои қонун кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошад.

Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба кори онҳо манъ аст.

Конститутсия барои ҳама ҳифзи судиро кафолат додааст, яъне шахсони воқеъиву ҳуқуқӣ ва ташкилоту муассисаҳо ҳангоми халалдор шудани ҳуқуқу озодиҳояшон метавонанд бевосита ба суд муроҷиат намоянд ва суд дар асоси меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо бояд ҳуқуқу озодиҳои онҳоро ҳимоя кунад ва дар сурати вайрон шудани онҳо ҳуқуқу озодиҳои худро барқарор намоянд.

Ин муқаррароти Конститутсия барои пешрафти ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон хеле муҳим буда, эътимоди шаҳрвандонро барои таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо таҳким мебахшад.

Кафолати зикршуда, инчунин, ба рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба иқтисоди миллии кишвар низ таъсири бевосита мерасонад, зеро соҳибкор бовар дорад, ки ҳангоми халалдор шудани ҳуқуқҳо ва зарарҳои ба ӯ расонидашуда аз тарафи суди босалоҳият ва беғараз барқарор карда мешаванд. Бинобар ин, зарур аст, ки бо мақсади таъмин намудани ин кафолати конститутсионӣ тамоми чораҳо андешида шаванд.

Бояд гуфт, ки дар даврони соҳибистиқлололии кишвар дар самти ташкилу таҳкими ҳокимияти судӣ, таъмини қонуният ва адолати судӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд.

Аз ҷумла, барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим доранд.

Тибқи ин барномаҳо чандин қонун, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи



Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, қонунҳо «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз нав таҳия ва қабул карда шуданд, ки барои такмили сохтори судӣ, фаъолияти судяҳо ва дар маҷмӯъ, барои таҳкими ҳокимияти судӣ дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд оварданд.

Дар ин замина, иҷозати ба ҳабси пешакӣ гирифтани шахсони гумонбаршуда ва айбдоршаванда, тавассути дастгоҳҳои алоқа гӯш кардан ва сабти гуфтугӯҳои чунин шахсон, ҳабси муросилот ва хабарҳои телеграфӣ ба салоҳияти судҳо вогузор гардида, дар Суди Олӣ, судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва маъмурӣ ташкил карда шуданд, ки барои баррасии пурра ва ҳаматарафаи парвандаҳои судӣ ва пеш аз ҳама, ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд муҳим мебошанд.

Барои ҳамаҷониба омода кардани номзадҳо ба мансаби судягӣ вазифаи коромӯз-судя ҷорӣ карда шуд. Ба ин мақсад, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2017 Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судя таъсис дода шуда, ҳайати комиссия ва низомномаи он тасдиқ гардид.

Инчунин, бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 31 марти соли 2003 бо мақсади тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, баланд бардоштани сатҳи донишу таҷрибаи касбии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо Маркази таълимии судяҳо таъсис дода шуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати дастгирӣ ва таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ ба ин мақомот воҳидҳои иловагии корӣ ҷудо карда шуданд. Аз ҷумла, дар 15 соли охир бо се фармони Президент шумораи кормандони соҳа ба 252 воҳиди корӣ, аз ҷумла116 судя ва 136 корманди дастгоҳи судҳо зиёд гардид.

Роҳбарияти давлат ба масъалаи ҷалби васеи занон ба мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ба мақомоти судӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ эълон кард.

Имрӯз дар низоми ҳокимияти судии мамлакат аз 485 судя 97 нафари онҳо занон мебошанд, ки ба сифати раиси суд, муовини раис, раиси коллегияи судӣ ва судя фаъолият доранд ва саҳми онҳо дар таъмини адолати судӣ хеле назаррас мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар 10 соли охир аз ҷониби мақомоти судӣ дар маҷмӯъ, беш аз як миллиону 722 ҳазор парвандаи судӣ баррасӣ гардидааст. Аз ин шумора 40 ҳазору 500 парванда ба судҳои иқтисодӣ мансуб мебошад.

Азбаски санадҳои қабулкардаи судҳо аз номи давлат бароварда мешаванд, онҳо бояд ба тамоми талаботи қонунгузорӣ мувофиқат карда, барои барқарор гардидани адолат мусоидат намоянд.

Бо вуҷуди чораҳои дар самти беҳсозии сифати санадҳои судӣ андешидашуда дар даҳ соли охир аз ҷониби судҳои болоӣ беш аз шашуним ҳазор санадҳои судӣ бекор карда шудаанд.

Ҳарчанд ки дар баробари афзудани сарбории судяҳо бекоршавии санадҳои судӣ дар судҳои умумӣ нисбат ба соли 2009-ум 2,3 баробар ва дар судҳои иқтисодӣ 3,5 баробар кам шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз қонеъкунанда нест, зеро судяҳо ҳуқуқ надоранд, ки ба хато роҳ диҳанд ва парвандаҳоро бояд дар доираи талаботи қонунҳои моддиву мурофиавӣ баррасӣ ва ҳал намоянд.

Инчунин, дар давраи солҳои 2009-2019 судҳои умумӣ қариб 95 ҳазор парвандаи ҷиноятиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз ин шумора 610 парванда нисбат ба 891 нафар ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст, ки 466 адади онҳо аз мақомоти тафтиши пешакӣ ба судҳо бозпас фиристода нашудаанд.

Дар нуҳ моҳи соли равон аз ҷониби судҳо 635 нафар судшавандагони дар ҳабс қарордошта бо таъини ҷазоҳои ғайриҳабсӣ аз ҳабс озод карда шудаанд, ки на ҳамаи ин ҷазоҳо асоснок мебошанд.

Тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба ва пурраву холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд ва ҳамзамон ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, сабуккунанда, вазнинкунанда ва асосҳои ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд.

Мутаассифона, ин талаботи қонун аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ на ҳама вақт риоя мегардад. Дар баъзе мавридҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон халалдор гашта, онҳо беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ва дар натиҷа дар мурофиаҳои судӣ айби эълонгардида исботи худро наёфта, аз ҷониби судҳо ҳукми сафедкунанда баровардa мешавад.

Чунончи, дар ин давра аз ҷониби судҳо нисбат ба 121 нафар ҳукмҳои комилан сафедкунанда баровардa шудаанд, ки аз ин шумора 62 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ба итмом расонидашуда ва 59 нафар ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ вобаста мебошанд.

Ҳамчунин, нисбат ба 151 нафар ҳукмҳои қисман сафедкунанда баровардa шудаанд, ки аз ин шумора 13 нафар бо парвандаҳои айбдоркунии хусусии оғознамудаи судҳо ва 138 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиш ба итмом расонидашуда мебошад.

Яке аз самтҳои муҳимми пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мебошад.

Бо мақсади амалӣ намудани "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019" судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо дар ташкилоту корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва қисмҳои ҳарбӣ вохӯриҳо ташкил карда, дар рӯзномаву маҷаллаҳо хабару мақолаҳо ба нашр расониданд.

Ҳоло "Барномаи нави таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030" таҳия ва барои қабул пешниҳод гардидааст, ки дар амалӣ намудани он мақомоти судӣ бояд фаъолона ширкат намоянд. Бо роҳандозӣ кардани чунин корҳо мо метавонем бисёр шаҳрвандонро аз кирдорҳои бад ва дар натиҷа аз маҳбасу маҳрумият раҳоӣ бахшем.

Ман борҳо таъкид доштам, ки вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо ба маҳбас кашидани мардум нест, балки вазифаи онҳо, инчунин, пешгирии ҷиноят, яъне аз маҳбас эмин доштани инсонҳо мебошад. Зеро дар паси ҳар як шахс як хонавода ва сарнавишту зиндагии ӯ қарор дорад.

Тақвият бахшидан ба масъалаҳои ташкилӣ, яъне таъмини шароити зарурии моддиву техникӣ, аз ҷумла бо биною таҷҳизоти муосир таъмин намудани судҳо, беҳдошти вазъи иҷтимоии судяҳо, махсусан, бо манзили истиқоматии хизматӣ таъмин кардану давра ба давра зиёд намудани музди меҳнати онҳо яке аз омилҳои таҳкими ҳокимияти судӣ ва таъмини мустақиливу беғаразии судҳо мебошад.

Давлат барои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ мунтазам корҳои дахлдорро, аз ҷумла бо роҳи зиёд намудани воҳидҳои кории судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, афзоиши маблағгузории ҳамасолаи мақомоти судӣ, таъмини судҳо бо биною таҷҳизоти муосир ва дигар тадбирҳоро анҷом дода истодааст.

Инчунин, дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои фаъолияти самараноки судҳо биноҳои маъмурии судҳои шаҳру ноҳияҳои Роғун, Шаҳристон, Шамсиддини Шоҳин, Кушониён, Нуробод, Тоҷикобод, Сангвор, Варзоб, Ванҷ, Шуғнон, Балҷувон, Восеъ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва суди иқтисодии вилояти Хатлон аз нав сохта, қариб ҳамаи биноҳои суди шаҳру ноҳияҳои дигар таъмири асосӣ ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда шуданд.

Барои бунёди бинои нави Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҳар сол маблағи зарурӣ ҷудо мегардад ва сохтмони он идома дорад.

Ҳоло корҳои сохтмон дар бинои судҳои ноҳияҳои Данғараи вилояти Хатлон, Синои шаҳри Душанбе ва ноҳияи Дарвоз идома доранд ва дар назар аст, ки биноҳои мазкур вақтҳои наздик бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ ба истифода супорида шаванд.

Аз ҷониби роҳбарияти давлат музди меҳнати судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо давра ба давра, аз ҷумла солҳои 2006 ва 2008 ба андозаи 40 фоиз, соли 2011-ум 100 фоиз ва солҳои минбаъда борҳо аз 15 то 30 фоиз зиёд карда шуд.

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизмати содиқона ва саҳми арзанда дар татбиқи адолати судӣ зиёда аз 50 нафар судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар баробари корҳои анҷомдодашуда, дар фаъолияти мақомоти судӣ камбудиҳо низ ҷой доранд.

Ба ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо даст задани баъзе судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо боиси доғдор шудани мақомоти судӣ ва нигаронии роҳбарияти давлату Ҳукумат гардидааст.

Содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта аз ҷониби намояндагони ҳокимияти судӣ яке аз чунин амалҳои нангин мебошад. Амали коррупсионӣ на танҳо обрӯ ва нуфузи мақомоти судиро паст мекунад, балки эътимоди мардум ва эътибору эҳтироми давлатро коста мегардонад.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, аз соли 2009 то инҷониб 25 нафар судяҳо (аз ҷумла 1 нафар зан) ва 16 нафар кормандони дастгоҳи судҳо барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба ҷазоҳои гуногун маҳкум шудаанд, ки чунин вазъ бисёр нигаронкунанда ва боиси ташвиш мебошад.

Пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар фаъолияти судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, аз ҷумла роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии онҳо, инчунин, андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти судӣ мебошад.

Дар ин самт роҳбарияти Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки дар байни кормандони мақомоти судӣ корҳои таъсирбахши тарғиботиву пешгирикунандаро мунтазам амалӣ намоянд. Инчунин, бо истифода аз роҳу усулҳои гуногун ҷиҳати тоза намудани мақомот аз шахсони ношоиставу тасодуфӣ, ки метавонанд ба шаъну эътибори

мақомоти судӣ иснод биёранд, чораҳои қатъӣ андешанд.

Таъкид месозам, ки дар фаъолияти судяҳо камбудиҳо, ба монанди бо сифати паст таҳия намудани санадҳои судӣ ва дар ин замина зиёд шудани бекоршавии қарорҳои судӣ ва риоя накардани мӯҳлати баррасии парвандаҳо ҷой доранд, ки боиси норозигии мардум ва воридшавии арзу шикоят ба мақомоти болоӣ мегарданд.

Зеро дар доираи талаботи қонунгузорӣ баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ ва қабули қарорҳои асоснок яке аз кафолатҳои конститутсионии амалӣ намудани адолати судӣ ба ҳисоб меравад.

Дар фаъолияти баъзе судяҳо сифати пасти таҳияи санадҳои судӣ, риоя накардани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, беасос таҳия намудани ҳалномаҳои калонҳаҷми душворфаҳм, сари вақт ва дар мӯҳлати муқарраршуда баррасӣ нагардидани парвандаҳо, беасос ва бидуни баррасӣ монондани аризаҳо ҷой доранд.

Масъалаи дигаре, ки диққати кормандони мақомоти судии кишвар ба он ҷалб карда мешавад, муносибати дағалонаи баъзеи онҳо бо мурожиаткунандагон ва дар ин замина зиёд шудани арзу шикоятҳо мебошад. Чунин рафтор ба шаъну шарафи судя ва мақомоти судӣ иснод меорад. Судя бояд бо фарҳанги баланд, гуфтору рафтори худ ва риояи одоби намояндаи ҳокимияти давлатӣ намунаи ибрати дигарон бошад.

Танҳо дар нуҳ моҳи соли 2019 ба Суди Олӣ 190 шикоят, 44 арзу шикоят ба Дастгоҳи иҷроияи Президент доир ба амалҳои судяҳо, аз ҷумла 58 шикоят дар хусуси ба кашолкорӣ роҳ додан ҳангоми баррасии парвандаҳо ва 7 шикоят оид ба иҷро нагардидани санадҳои судӣ ва 125 шикоят доир ба беамалии судяҳо ворид гардидааст.

Ҳангоми санҷиш қисме аз ин шикоятҳо тасдиқ шудаанд. Чунин шикоятҳо нисбат ба судяҳои судҳои иқтисодӣ низ мавҷуданд.

Аз ин рӯ, раисони Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бояд ҷиҳати баланд бардоштани касбияти судяҳо чораҳои ҷиддӣ андешида, ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо шахсияти онҳоро ҳаматарафа омӯхта, дар баробари донишу таҷриба, инчунин, одобу ахлоқ, масъулиятшиносӣ ва ҷаҳонбинии онҳоро низ ба эътибор гиранд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки судя дар баробари донишу таҷриба бояд виҷдони пок, одобу ахлоқи ҳамида ва рафтору кирдори шоиста дошта бошад.

Чунин тарзи интихоби кадрҳо имкон медиҳад, ки дар оянда содир намудани амалҳои нангини коррупсионӣ аз ҷониби амаликунандагони адолати судӣ аз байн бурда шуда, мақом ва нуфузи ҳокимияти судӣ баланд бардошта шавад.

Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баъзе судяҳо ба қадри вазифаи пурмасъули судягӣ намерасанд, дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон беэътиноӣ зоҳир менамоянд ва бо ин амалашон ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро халалдор месозанд.

Омӯзиши арзу шикоят ва мурожиати шаҳрвандон нишон медиҳад, ки то ҳол дар баъзе судҳо нодуруст татбиқ намудани қонун, набудани таҷрибаи ягона ҳангоми таъини ҷазоҳо, ба иҷро пешниҳод нашудани қарорҳо ва таъмин набудани назорати иҷрои онҳо дида мешавад.

# Суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти судӣ

Аз ҳисоботи оморӣ бармеояд, ки дар нуҳ моҳи соли 2019 аз ҷониби судяҳо мӯҳлати баррасии 183 парванда риоя нагардидааст. Ҳарчанд ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, вале ҳанӯз нигаронкунанда боқӣ мемонад.

Ҳолатҳои зиёди қабули қарорҳои ғайриқонунӣ ва муросокории ошкоро нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ ҷой доранд.

Дар марҳалаҳои кассатсиониву назоратии судҳои болоӣ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 265 қарорҳои судӣ бекор карда шудаанд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 8 қарор зиёд мебошад.

Чунин вазъ низ боиси нигаронӣ мебошад, зеро ман борҳо таъкид кардаам, ки судя ҳуқуқи хато кардан надорад, зеро бо қарори судя тақдири инсон ҳал мешавад.

Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои бекор шудани санадҳои судӣ, пеш аз ҳама, аз он иборатанд, ки судяҳо дар вақти баррасии парванда беаҳамиятӣ зоҳир намуда, ба далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ намедиҳанд, ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдоштаро ҳаматарафа намесанҷанд ва дар баробари ин, норасоии дониши касбӣ ва таҷриба, дар баъзе ҳолатҳо мавҷуд будани ғараз нисбат ба парванда боиси татбиқи нодурусти қонунҳо ва дар охир қабули санадҳои ғайриқонунӣ мегардад.

Ҳамзамон бо ин, зикр бояд кард, ки аз ҷониби судҳо таҷрибаи татбиқи ҷазо низ якхела нест. Ин ҳолат, аз ҷумла вобаста ба ҷиноятҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор баръало мушоҳида мешавад, зеро судяҳо дар баъзе ҳолатҳо барои миқдори ками воситаҳои нашъадор ҷазоҳои ошкоро вазнин ё барои муомилоти миқдори махсусан калон ҷазоҳои ошкоро сабук таъин менамоянд.

Ин масъаларо ман дар вохӯрии қаблӣ бо судяҳо таъкид карда будам, вале мутаассифона, чунин таҷриба то ҳол идома дорад.

Аз ин лиҳоз, ба судяҳо зарур аст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо, махсусан, вобаста ба ҷиноятҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, таъини табобати маҷбурӣ нисбат ба гирифторони нашъамандӣ риояи қатъии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ба роҳ монда, ҳангоми ошкор шудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ боздоштан ва қатъ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ, ғайриқонунӣ дастгир намудани шаҳрвандон, вайрон кардани мӯҳлати тафтишоти пешакӣ, истифодаи зӯроварӣ ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсонӣ тамоми чораҳои дар қонун пешбинишударо андешида, адолати судиро бо дарназардошти принсипҳои қонуният, адолат ва инсондӯстӣ таъмин намоянд.

Назорати судӣ дар самти иҷрои саривақтии санадҳои судӣ беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд. Масъулияти судяҳо ҷиҳати назорати иҷрои қарорҳои судӣ бояд баланд бардошта шавад, зеро таъмин нагардидани иҷрои саривақтии санадҳои судӣ норозигии тарафҳои манфиатдори парвандаҳои судӣ ва афкори манфии мардумро нисбат ба фаъолияти судяҳо ба миён оварда, обрӯву эътибори ҳокимияти судиро коста менамояд.

Соли 2008 бо мақсади иҷрои самараноки санадҳои судӣ иҷрочиёни суд аз тобеияти судҳо ба тобеияти Вазорати адлия гузаронида шуданд, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин иқдом натиҷаи дилхоҳ ба бор наоварда ва бо ин мақсад дар назди Ҳукумати мамлакат Хадамоти иҷро ташкил карда шуд.

Ҳоло зарур аст, ки барои ташаккул ва таҳкими фаъолияти иҷрочиён тамоми чораҳо андешида шаванд.

Тибқи ҳисоботи оморӣ ҳоло кор дар ин самт рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Бо вуҷуди ин, ҳолатҳои иҷро нагардидани санадҳои судӣ кам нестанд.

Масалан, дар даҳ соли охир аз ҷониби судҳои умумӣ аз ҳисоби боҷи давлатӣ, мусодираи молу мулк, товони зарари аз тасарруфи молу мулки давлатӣ ва аз дигар ҷиноятҳо расонидашуда ба маблағи як миллиарду 35 миллион сомонӣ ба фоидаи давлат рӯёнида шудааст. Дар судҳои иқтисодӣ ин маблағ беш аз 6 миллиарду 300 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ дар солҳои 2017-2018 ва 9 моҳи соли 2019 ба Хадамоти иҷро ва воҳидҳои сохтории он дар маҳалҳо 124 ҳазор ҳуҷҷати иҷро ба маблағи 5 миллиарду 600 миллион сомонӣ ворид шудааст. Аз ин шумора 93 200 ҳуҷҷат ба маблағи 480 миллион сомонӣ ё ҳамагӣ 8,6 фоиз ба иҷро расидааст. Яъне беш аз 90 фоизи маблағҳо рӯёнида нашудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии иҷро нагардидани санадҳои судӣ дар самти рӯёнидани зарарҳои расонидашуда дар он аст, ки дар вақти тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парванда оид ба рӯйхат ва ҳабси молу маблағ чораҳои маҷбурии мурофиавӣ мувофиқи тартиб ва мӯҳлати пешбиникардаи қонунгузорӣ андешида намешаванд.

Аз ҷониби судҳо бе асосҳои зарурӣ боздоштани иҷрои санадҳои судӣ боиси рӯёнида нашудани қисми зиёди ин маблағҳо, яъне дар рӯи коғаз мондани онҳо гардидааст. Дар ин самт дар фаъолияти иҷрочиён низ камбудиҳо ба назар мерасанд.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати адлия ва Хадамоти иҷро супориш дода мешавад, ки ҷиҳати таҷдиди назар кардани фаъолияти судҳо барои боздоштани истеҳсолоти иҷро лоиҳаи қонунҳои дахлдорро таҳия ва пешниҳод намоянд.

Роҳбарияти Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо роҳбарияти Хадамоти иҷро ин масъаларо мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, барои беҳтар кардани иҷрои санадҳои судӣ чораҳои дахлдор андешанд ва ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар ин самт пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

Имрӯз талаби даврy замон аст, ки маърифати баланди ахлоқӣ ва дараҷаи касбиву зеҳнӣ, дониши амиқи ҳуқуқӣ, одоби муошират, адлу инсоф, беғаразӣ, адолатнокиву поквиҷдонӣ бояд меъёри асосии муайянкунандаи шахсият ва фаъолияти ҳар як судя бошад.

Судяҳо ҳангоми иҷрои вазифа дар ҳама ҳолат бояд шаъну шарафи судяро нигоҳ дошта, ваколатҳояшонро бо маҳорати баланди касбӣ анҷом диҳанд ва ба халқу Ватан содиқонаву беғаразона хизмат намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар натиҷаи зиёдшавии шумораи аҳолӣ ва рушди босуботи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа шумораи парвандаҳои судӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст. Чунин ҳолат боиси афзоиши сарбории судяҳо шуда, барои босифат ва дар мӯҳлатҳои муқарраршуда баррасӣ гардидани парвандаҳо метавонад таъсири манфӣ расонад.

Бинобар ин, барои таъмини баррасии саривақтии парвандаҳо, кам кардани сарбории судяҳо ва содагардонии мурофиаҳои судӣ мувофиқи мақсад аст, ки роҳҳои тосудӣ ва ғайрисудии баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо густариш дода шаванд.

Чунин тарзи кор тарафҳоро ба созиш меорад ва ба ҳалли ҳарчи зудтару камхарҷи парвандаҳо мусоидат менамояд.

Барои бартараф намудани камбудиву норасоиҳои дар фаъолияти судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ҷойдошта, инчунин, таъмини адолати судӣ зарур аст, ки дар мақомоти судӣ тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

1. Натиҷаи фаъолияти кории ҳар як судяро дар давраҳои муайянгардида мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, ҳангоми ошкор гардидани камбудиҳо нисбат ба онҳо чораҳои пешбининамудаи қонун татбиқ карда шаванд.

2. Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки сабабҳои тағйир ёфтан ва бекоршавии қарорҳои судиро таҳлил карда, барои баланд бардоштани масъулияти судяҳо ҷиҳати қабули қарорҳои қонуниву асоснок, беҳтар намудани сифати баррасии парвандаҳо ва роҳ надодан ба кашолкорӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

3. Ҷиҳати иҷрои «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» тавассути ташвиқу таблиғ намудани аҳолӣ ба риояву эҳтироми қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, худдорӣ аз ҳама гуна кирдорҳои номатлуб, аз ҷумла кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ бо роҳи гузаронидани мурофиаҳои судии сайёр, баргузор намудани суҳбату вохӯриҳо бо аҳолӣ ва истифода аз воситаҳои ахбори умум тадбирҳо андешида шаванд. Чунин тарзи кор метавонад дар пешгирии ҷиноят ва тарбияи ҳуқуқии мардум бештар таъсиргузор бошад.

4. Бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ҷиҳати пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ дар судҳои кишвар тадбирҳои муассир андешида шаванд.

5. Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» баррасии асоснок ва қонунии парвандаҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадорро ба роҳ монда, ба шахсони гунаҳгор бо дарназардошти хусусият ва ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, ҷазоҳои одилона таъин карда шаванд.

6. Барои пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо дар самти танзими анъана ва ҷашну маросим ва масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд судяҳо бояд бо аҳолӣ ҳарчи бештар суҳбату вохӯриҳо гузаронида, парвандаҳои маъмуриро доир ба ин масъалаҳо бо тартиби пешбининамудаи қонун баррасӣ намоянд.

7. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба баррасӣ ва ҳалли саривақтии мурожиати шаҳрвандон аҳамияти ҷиддӣ дода, дар рӯзҳои муқарраршуда, аз ҷумла рӯзҳои шанбе аз ҷониби роҳбарияти мақомоти судӣ қабули шаҳрвандон ба роҳ монда шавад.

8. Барои баланд бардоштани эътибору обрӯи ҳокимияти судӣ, таъмини ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ идома дода шуда, ҷиҳати такмили сохтори Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва тақвияти таъминоти моддиву техникии судҳо тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

9. Бо мақсади таъмин кардани самаранокии корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба риоя ва эҳтироми қонунҳо ва ба маълумоти мардум расонидани ҳолатҳои ба ҷинояту қонуншиканиҳо даст задани шаҳрвандон таҷрибаи дар мурофиаҳои сайёри судӣ баррасӣ намудани парвандаҳо густариш дода шавад.

10. Ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу савияи донишҳои касбии судяҳо ва сайқал додани маҳорату малакаи онҳо эътибори ҷиддӣ дода, бо ҷалби мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи ҳуқуқ, донишмандон ва устодони донишгоҳу донишкадаҳо ва Академияи илмҳо барномаҳои омӯзишӣ роҳандозӣ карда шаванд.

11. Ба масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо диққати махсус дода, ҳангоми пешниҳоди номзадҳо ба вазифаи судягӣ донишу маҳорат ва сифатҳои ахлоқии онҳо мавриди омӯзишу санҷиши ҳамаҷониба қарор дода шавад.

12. Барои дар доираи талаботи қонун сари вақт ва босифат таъмин намудани иҷрои санадҳои судӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Дар охир ба ҳамаи шумо – кормандони мақомоти судии кишвар тандурустӣ ва барори кор орзу менамоям.

Умед дорам, ки шумо дар оянда дар таъмини қонуният, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва тантанаи адолату ҳақиқат бо муносибати поквиҷдононаи худ саҳми бештар мегузоред.

**Саломат бошед.**

# Таҷассуми озодӣ ва соҳибдавлатӣ

Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ

**Ҳамватанони азиз!**

Бо камоли ифтихор тамоми сокинони Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ, ки яке аз рамзҳои муҳими давлати миллии мо буда, мояи сарбаландии ҳар як шаҳрванди ватандӯсту ватанпараст ба ҳисоб меравад, самимона табрик мегӯям.

Парчам барои мардуми тоҷик рамзи ватандорӣ, сарбаландӣ ва шуҷоату мардонагӣ буда, халқи мо аз замонҳои қадим ба он ҳамчун василаи муттаҳидкунанда арҷ мегузорад.

Парчами озодӣ ва соҳибдавлатии халқи тоҷик дар Иҷлосияи таърихӣ ва сарнавиштсози XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва баъдан, 24 ноябри соли 2009 Рӯзи Парчами давлатӣ эълон шуд, ки имсол ба ин санаи муҳим даҳ сол пур мешавад.

Ливои зафару нусратҳои мардуми кишварамон ҳамаи моро ба сӯи ояндаи неку дурахшони Ватани азизамон ҳидоят менамояд.

Имрӯз мардуми сарбаланди тоҷик ин нишони садоқатро баланд бардошта, аз дурахши рангу ҷилои зебои он ифтихор мекунанд. Бо гузашти қариб се даҳсола ин рамзи миллӣ ба мазҳари меҳанпарастӣ табдил ёфта, мардум ва махсусан, наврасону ҷавононро дар атрофи худ муттаҳид менамояд, ҳисси ватандӯстиашонро бештар мегардонад, умед ба ояндаи некро дар қалбашон қавӣ сохта, дар замири ҳар фарди миллат ҳисси эҳтиром ба истиқлолу озодии Тоҷикистони азизро тақвият мебахшад.

Парчами миллӣ бар фарози иншооти азим, ташкилоту идораҳои давлатӣ, муассисаҳои фарҳангиву таълимӣ ва коргоҳу корхонаҳо барафрохта шуда, солҳои охир дар маркази шаҳру ноҳияҳои мамлакат даҳҳо майдони парчам бунёд гардиданд. Ҳоло майдонҳои парчам ба макони баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва ҳамоишҳои ватандӯстонаи шаҳрвандони кишвар, аз ҷумла ҷавонон табдил ёфтаанд.

Қобили зикр аст, ки оини бостонии парчамдорӣ — аз дирафши ковиёнӣ то парчами имрӯзаи давлатӣ — дар тӯли таърихи дуру дарози тоҷикон имкон фароҳам овард, ки миллати сарбаланди мо тахти ин рамзи ватандорӣ дар муқобили ҳама гуна таҳдидҳо истодагарӣ карда, мероси ғании ниёгон, арзишҳои бостонии миллӣ ва дар маҷмӯъ, ҳастии миллати худро ҳифз намояд.

Қабули Парчами давлатӣ дар вазъияти ниҳоят ҳассос – нахустин солҳои таърихи давлати ҷавону тозаистиқлоламон ба мардуми мо тавони тоза бахшид, эҳсоси миллиро такон дод, қуввахои солими ҷомеаро муттаҳид сохт ва онҳоро неру бахшид, ки тахти парафшонии парчами давлати озоди худ сохтори конститутсиониро барқарор намоянд.

Неруҳои содиқ ба Ватану миллат маҳз зери Парчами давлатӣ сарҷамъ гардиданд ва дар кишвар сулҳу субот, иттиҳоди қавии кулли сокинони мамлакат таъмин карда шуд. Парчами миллӣ ба мо имкон дод, ки ба мазмуну моҳияти ҳаёти давлати худ бо диди нав назар андозем, ба таърихи гузаштаамон бо чашми ибрат нигоҳ кунем ва ба сӯи ояндаи дурахшони давлату миллат бо эътимоди қавӣ қадамҳои устувор гузорем.

Рӯйдодҳои охири ҷаҳони муосир нишон медиҳанд, ки воқеаҳои даҳшатноку фоҷиабор, ки дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои қудратҳои сиёсии ҷаҳонӣ ба амал меоянд, барои хатару таҳдидҳои нав, ба монанди вусъат ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ замина фароҳам оварда, ба амнияти давлатҳо, аз ҷумла ба фазои орому осоиштаи Тоҷикистони азизи мо таҳдид менамоянд.

Аз ин рӯ, мо бояд ба масъалаи суботу амнияти Ватани азизамон ва ҳифзи давлату давлатдорӣ диққати боз ҳам бештар дода, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, манфиатҳои миллии худро ҳифз намоем ва дар зери Парчами давлатӣ ҳамеша муттаҳиду сарҷамъ бошем.

Имрӯзҳо мардуми шарифи Тоҷикистон зери парафшонии Парчами давлати худ барои истиқболи сазовори ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ — сисолагии Истиқлоли давлатӣ саъю талош карда, ҳадафҳои бузургу созандаро амалӣ месозанд.

Дар ин раванд, Парчами давлатӣ барои мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳамчун рамзи ватандорӣ, нангу номус, худшиносиву худогоҳӣ ва ваҳдати миллӣ хизмат мекунад ва ба мо дар ҷодаи ободониву созандагии сарзамини аҷдодиамон рӯҳу илҳоми тоза мебахшад.

Бори дигар Рӯзи Парчами давлатиро ба тамоми сокинони Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, ба хонадони ҳар як фарди Ватан бахту иқбол ва ба давлати соҳибистиқлолу озодамон амнияту осоиш ва рушди устувор орзу менамоям.

**Рӯзи Парчами давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# Таҷлили Рӯзи Парчами давлатӣ



23 ноябри соли ҷорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Дар ҷамъомад муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Солеҳзода нахуст ҳамаи кормандони мақомоти андозро ба Рӯзи Парчами давлатӣ муборакбод намуда, қайд кард, ки парчам ҳамчун рамзи миллӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон мақоми хосса дошта, таърихи беш аз 4000-сола дорад. Хушбахтона, бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ тоҷикон соҳиби Парчами миллӣ гардиданд.

-Воқеан, дар ҷаҳони муосир доштани Парчами миллӣ нишони истиқлолият ва ваҳдати миллӣ буда, давлат тавассути он дар ҷаҳон муаррифӣ мешавад. Парчами миллӣ рамзи гиромидошти яке аз муқаддасоти миллати мутамаддину бомаърифат, нишонаи муборизаву ҷоннисориҳои халқи тоҷик барои озодиву истиқлол, илҳомбахши фаъолияти фидокоронаи фарзандони содиқи миллату Ватан ва ҳидоятгару раҳнамои мардум ба сӯи шукуфоӣ ва зиндагии босаодат мебошад, - гуфт А. Солеҳзода. - Он ифодагари иқболу истиқлол, иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, мардонагиву матинородагӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мо буда, волотарин мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос кардааст.

Зикр шуд, ки имрӯз Парчами миллӣ, ҳамчун нишони азму иродаи устувори мардум баҳри ободии кишвар, ҳаммароми “Дирафши Ковиён”-и аҷдодиамон бо тобиши се ранг аз асолати миллӣ, давлату давлатдории мустақил ва ормонҳои ватанхоҳии родмардони сарзаминамон башорат медиҳад. Парчам имрӯз, ҳамчун рамзи озодию худогоҳӣ, барои таҷассуми истиқлол ва ваҳдату бунёдкорӣ заминаи бузургеро метавонад эҷод намояд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Афзалият ба соҳаҳои иҷтимоӣ

## Маҷлиси намояндагон Қонун «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» — ро қабул намуд

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2022-ро қабул намуданд.**

Тавре котиби матбуоти палатаи поёнии Парлумони Тоҷикистон Муҳаммадато Султонов ба мухбири АМИТ «Ховар» иттилоъ дод, масъалаи мазкур имрӯз дар ҷаласаи навбатии иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагон, даъвати панҷум, ки тахти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров баргузор гардид, баррасӣ шуд.

Аз рӯи масъалаи мазкур дар ҷаласа Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаххорзода ва вакили мардумӣ Тоҳир Ҷобирзода сухан гуфтанд.

Зикр гардид, ки дар таҳияи Буҷети давлатӣ афзалиятҳои дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгардида ба инобат гирифта шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки нишондиҳандаҳои лоиҳаи Буҷети давлатӣ бо роҳи баланд бардоштани маъмурикунонии андоз, васеъ намудани заминаи андозбандӣ, таъмини рушди воқеии иқтисодиёт ва ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ асоснок карда шудааст.

Ба иттилои манбаъ, ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ба маблағи 26 млрд. 054,0 млн. сомонӣ пешбинӣ гардид, ки ба 29,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Зикр гардид, ки ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ барои соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 26 млрд. 403,5 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки 30,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2020 ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ афзалият дода шудааст. «Яъне ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ соли 2020 ба 11 млрд. 730,3 млн. сомонӣ баробар буда, нисбат ба буҷети соли 2019-ум 1 млрд. 146,3 млн. сомонӣ ё ин ки 12,3 фоиз афзоиш ёфта, 44,0 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатиро ташкил медиҳад», — иттилоъ дода шуд дар ҷаласаи палатаи поёнии Парлумони Тоҷикистон.

Дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2022 давоми мантиқии лоиҳаи буҷети соли 2020 буда, ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ соли 2021-ум 28 млрд. 635,6 млн. сомонӣ ва соли 2022-ум 30 млрд. 983,1 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки мутаносибан ба 29,2 ва 28,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Дар иҷлосия, инчунин, як зумра масъалаҳои муҳим баррасӣ гардида, аз рӯи онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

# Ҷаласаи XXVI Шӯрои ҳамоҳангсози роҳбарони мақомоти андози ИДМ

**Рӯзҳои 18-21 ноябр дар шаҳри Москва ҷаласаи XXVI Шӯрои ҳамоҳангсози роҳбарони мақомоти андози (ШҲРМА) ИДМ барпо гашт. Ҳайати Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Раиси Кумитаи андоз Давлатзода Нусратулло Муқим роҳбарӣ намуд.**




**«Дар тӯли 18 соли охир Шӯро фаъолият дошта, дараҷаи баланди ҳавасмандии роҳбарони мақомоти андози давлатҳои узви ИДМ оид ба баррасии масъалаҳои асосии системаҳои муосири андозро нишон медиҳад. Ҷаласаи XXVI ШҲРМА ба мавзӯи актуалӣ – маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида мешавад»,** - гуфт роҳбари Хадамоти федералии андози Россия Михаил Мишустин дар ифтитоҳи ҷаласа.

Михаил Мишустин диққати иштирокчиёни ҷаласаро ба он ҷалб намуд, ки трансформатсияи рақамӣ ба тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дахолат намуда, дар назди мақомоти андози кишварҳои ҷаҳон вазифаҳои нав мегузорад. Рақамикунонӣ равандҳои аллакай баамаломада ва бизнес-моделҳоро тағйир медиҳад, бинобар ин, мақомоти андоз маҷбур мешаванд, ба масъалаҳои нав ҷавоб дода, ба муҳити рақамӣ мутобиқ гарданд.

М. Мишустин дар идомаи суханрониаш қайд кард, ки **«Мо ҳоло дар андешаи он ҳастем, ки дар марҳалаи иқтисоди рақамӣ чӣ тавр маъмурикунонии босамари андозро бунёд созем. Ҳамин масъала дар ҷаҳон рӯзмарра буда, ҳам дар муҳити Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, ҳам дар чорчӯбаи Шӯрои ҳамоҳангсози мо баррасӣ мегардад. Мо ҳама ба хубӣ мефаҳмем, ки оянда марбути иқтисоди рақамӣ, хизматрасониҳои ба чашм ноаён ва табодули молҳо тавассути технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Аз байн бурдани монеаҳо, бе иштироки танзимкунандаҳо фармоишгарро бо истеҳсолкунандаи мол ва хизматрасониҳо пайваст намудан аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки онҳоро мо бояд таҳлил намоем ва ба системаи андозсупоранда тарзе муносибат намоем, ки ба фаъолияти он халал нарасонем ва ба қисми табиии он табдил ёбем».**

Муовини якуми Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия, Вазири молияи Федератсияи Россия Антон Силуанов дар суханронии худ қайд намуд, ки ҳамкорӣ бо кишварҳои иштирокчии ИДМ барои Федератсияи Россия самти афзалиятнок мебошад. Масъалаҳои андоз барои мо яке аз масъалаҳои асосӣ ҳисоб мешавад. Ҳукумати кишвари мо дар фаъолияти худ ба масъалаҳои мукаммалгардонии қонунгузории андоз ва ҳамкории мутақобилан судманди мақомоти андоз бо бизнес аҳамияти ҷиддӣ медиҳад». А.Силуанов ҳамчунин қайд намуд, ки мақомоти муосири андоз вазифадоранд, ки трендҳои актуалии трансформатсияи рақамиро, ки иқтисодиётро пурра тағйир дода, барои беҳтар гардондани маъмурикунонии андоз шароит ба вуҷуд оварда, кор бо бизнесро сабук мегардонад, ба роҳбарӣ гиранд.

Антон Силуанов инчунин, аҳамияти ҳамкории мутақобилан судманди мақомоти андози кишварҳои ИДМ дар масъалаи табодули иттилоотро, ки барои беҳтар намудани маъмурикунонӣ имконият фароҳам месозад, махсус қайд намуд. Ӯ қайд кард, ки ба имзо расондани Протокол дар бораи табодули иттилоот дар намуди электронӣ байни давлатҳои иштирокчии ИДМ натиҷаи муҳими фаъолияти Шӯро дониста мешавад. Протоколи мазкур табодули маълумот дар реҷаи автоматиро дар назар дорад.

Масъалаи рушд бахшидан ва ҳамкории байниҳамдигарии системаҳои андози кишварҳои ИДМ дар панҷ соли оянда мавзӯи асосии брифинге гашт, ки дар он роҳбарони мақомоти андоз иштирок намуданд. Дар маҷмӯъ, қайд шуд, ки давлатҳо трендҳои универсалии ҷаҳониро ба роҳбарӣ гирифта, ба платформаҳои рақамӣ табдил мeёбанд, технологияҳои иттилоотиро инкишоф медиҳанд, сифати хизматрасониҳоро ба андозсупорандагон баланд бардошта, то ҳадди имкон ба ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо камтар дахолат менамоянд. Ҳамин масъала дар навбати худ шаффофияти андозиро баланд мебардорад.

Дар ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсоз иштирокчиёни он масъалаи тағйирот дар ҳайати Шӯро, натиҷаҳои иҷрои нақшаи фаъолият дар солҳои 2017-2018 ва нақшаи фаъолият барои солҳои 2019-2020 ва рӯзномаи ҷаласаи навбати XXVII Шӯроро баррасӣ намуданд.

Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.М. Давлатзода дар ҷаласаи XXVI Шӯрои ҳамоҳангсоз аз таҷрибаи мақомоти андози Тоҷикистон дар мавриди истифодаи технологияҳои рақамӣ суханронӣ намуд.

Дар ҷаласаи XXVI Шӯрои ҳамоҳангсози роҳбарони хадамоти андози ИДМ дар бобари ҳайатҳои Озарбойҷон, Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Россия ва Тоҷикистон инчунин, намояндагони Кумитаи иҷроияи ИДМ, Ташкилоти базавии давлатҳои иштирокчии ИДМ оид ба омодасозӣ, бозомӯзии касбии кадрҳо дар соҳаи андоз ва андозбандӣ иштирок карданд. Дар кори ҷаласа ҳайатҳои Мақомоти андози Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҳайси нозир ширкат доштанд. Дар кори ҷаласа инчунин намояндагони мақомоти байналмилалии андоз – Комиссияи иқтисодии Авруосиё, Ташкилоти Аврупоии мақомоти андоз, Фонди байналмилалии асъор, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, Бонки ҷаҳонӣ ширкат намуданд.

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Российский миллиардер заплатил Липецку налоги и поставил рекорд

**Миллиардер Владимир Лисин стал крупнейшим плательщиком налога на доходы физических лиц (НДФЛ) с прибыли подконтрольной иностранной компании, пишет РБК. Бюджет Липецкой области, где прописан бизнесмен, пополнила кипрская Fletcher Group Holdings.**

В 2019 году Липецкая область стала второй после Москвы по поступлениям в бюджет НДФЛ с прибыли контролируемой иностранной компании (КИК). У Липецкой области показатель достиг 1,08 млрд рублей, тогда как у Москвы он приближается к 2 млрд. 540 млн рублей «упали» в липецкий бюджет в июне, потому что НДФЛ с прибыли КИК должен быть уплачен до 15 июля.

Платежи Лисина с прибыли КИК — это почти 75% всех поступлений НДФЛ с прибыли иностранных компаний в России. За девять месяцев 2019 года Липецкая область получила 14,8 млрд рублей от НДФЛ, то есть на долю Лисина приходится 7%.

Лисин — основной владелец Новолипецкого металлургического комбината(НЛМК). 81,4% акций предприятия находится у Fletcher Group Holdings. В августе бизнесмен перевёл на кипрское предприятие акции Первой грузовой компании. Источник РБК сообщил, что Лисин платит НДФЛ в Липецке не только с прибыли Fletcher Group Holdings, но и с других доходов.

Владимир Лисин занимает второе место в российском списке Forbes. Его состояние оценивается в $21,3 млрд.



# Пардохтҳои ғайринақдӣ:

## POS-терминалҳо ва афзалиятҳои онҳо

**Имрӯзҳо мақомоти андози кишвар дар якҷоягӣ бо ниҳодҳои масъул кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра дар тамоми марказҳои савдою хизматрасонӣ POS-терминалҳои электронӣ насб кунанд, то шаҳрвандон тавонанд ҳангоми хариди мол ё хизматрасонӣ озодона аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ истифода намоянд. Яъне шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот бе истифодаи пули нақд бо кортҳои пардохтии бонкӣ муомилот анҷом дода тавонанд.**



Тавре гуфта мешавад, таъмини фаъолияти самарабахши низоми пардохти кишвар яке аз омилҳои калидии фаъолияти босубот ва босуръати низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шаффофияти иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

Яке аз афзалиятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ ин осонии истифодаи онҳо буда, зарурати бо худ ҳамроҳ гирифтани маблағи калон нест. Ҳамзамон, ҳамеша имкони пардохтани нархи моли харидашуда дар дохил ва хориҷи мамлакат вуҷуд дорад. Барои дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ шарт нест, ки ҳатман аз банкомат пули нақд гиранд, балки кифоя аст, ки дар мағоза, барои хизматрасонии коммуналӣ ё мобилӣ ва ғайра пардохтро тариқи ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Тибқи талаботи банди 9 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ» аз 31.12.2014, №815 назорати истифода ва насби терминалҳои электронӣ ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст. Мутобиқи қарори мазкур, пеш аз ҳама, насб намудани POS-терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои калони савдо ва хизматрасонӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, бо мақсади сода, сабук ва шаффоф гардонидани низоми андозбандӣ ва ҷараёни андозсупорӣ, тибқи муқаррароти қарори мазкур Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ қабули андозҳо, боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатиро аз аҳолӣ ба таври ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ амалӣ менамояд.

### Насби POS-терминалҳои электронӣ

Тавре сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов иттилоъ дод, дар даҳ моҳи соли 2019 дар бозору марказҳои калони савдо ва хизматрасонӣ 679 адад POS-терминали электронӣ насб гардидааст.

Номбурда илова кард, ки аз 679 адад POS-терминали насбгардида дар шаҳри Душанбе 253 адад, вилояти Суғд 320 адад, вилояти Хатлон 69 адад ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 31 адад POS-терминали электронӣ рост меояд.

Гуфта мешавад, ки барои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ Гурӯҳи муштараки кории намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, ки онҳо дар якҷоягӣ бо роҳбарон ва кормандони муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ оид ба насбу мавриди истифода қарор додани POS-терминалҳои электронӣ, зарурат ва афзалиятҳои истифодабарии он корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд.

Ёдрас мешавем, ки барои истифода накардани POS- терминалҳои электронӣ ё саркашӣ намудан аз насби POS- терминалҳо дар асоси моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Ш. Авғонов сабаби асосии истифода нашудани POS-терминалҳои электрониро аз ҷониби баъзе андозсупорандагон ин огоҳии комил надоштан аз афзалиятҳои ин хизматрасонӣ маънидод намуд. Ӯ гуфт, ки дар кишварҳои пешрафта сокинон пардохтҳои худро тариқи ғайринақдӣ, бо истифода аз технологияҳои муосири электронӣ ва кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ мекунанд. Мутаассифона, дар Тоҷикистон он камтар буда, аҳолӣ пардохтҳои худро ҳанӯз ҳам тариқи нақдӣ анҷом медиҳанд ва қисми ками шаҳрвандон пардохтҳои ғайринақдиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ мекунанд.

Ин аст, ки имрӯзҳо мақомоти андози кишвар дар якҷоягӣ бо ниҳодҳои масъул кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра дар тамоми марказҳои савдою хизматрасонӣ POS-терминалҳои электронӣ насб кунанд, то шаҳрвандон тавонанд ҳангоми хариди мол ё хизматрасонӣ аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ озодона истифода намоянд.

### Афзоиши маблағҳои ғайринақдӣ

Чуноне ки дафтари матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, тайи 8 моҳи соли ҷорӣ ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нисбат ба соли қаблӣ хеле рушд кардааст. Аз ҷумла, ба ҳолати 31 августи соли 2019 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 2217773 ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, дар маҷмӯъ, 762 адад банкомат ва 5074 адад терминалҳои электронӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Аз миқдори умумии терминалҳои электронӣ 1714 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 3360 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб шудаанд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан 18,2 фоиз ва 27,5 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Дар баробари ин, дар давоми 8 моҳи соли 2019 тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ, кортҳои нақлиётӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) барои хариди мол ва пардохти хизматрасониҳо зиёда аз 21,2 млн. адад амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 519,2 млн. сомонӣ гузаронида шудаанд.

Дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиётҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 93,5 фоиз ба 6,5 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ 1,7 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

### Манфиатҳои пардохти ғайринақдӣ

Яке аз афзалиятҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ин бехатарӣ аст, ки ҳангоми дуруст истифода кардани тарзи нисбатан бехатари пардохти мол ё хизматрасонӣ мебошанд. Якум, онҳо имкон медиҳанд, ки шаҳрвандон ҳамроҳи худ пули нақди зиёд нагардонанд ва дар хусуси бехатар нигоҳ доштани онҳо дар ташвиш набошанд. Дуюм, дар сурати гум шудани (дуздӣ, гумшавӣ, нобудсозӣ) ҳамён, пули нақдро яқинан баргардонидан номумкин аст, дар ҳоле ки маблағҳои дар суратҳисоби корти пардохтии бонкӣ ё дар ҳамёни электронибударо зуд банд кардан мумкин аст. Афзалиятҳои дигари ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ он аст, ки маълумот дар бораи ҳамаи маблағҳое, ки барои молу хизматрасонии гуногун харҷ мегардад, дар воситаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ маҳфуз дошта мешавад.

Инчунин, вақте ки маълумотро дар бораи маблағҳои сарфкарда таҳлил мекунед, метавонед буҷети худро оқилона истифода карда, хароҷоти худро пешакӣ ба нақша гиред. Масалан, тариқи СМС – паёмак (огоҳинома) метавонед бо осонӣ дар бораи маблағ дар суратҳисобатон маълумот гиред. Ин дар навбати худ ба шумо кӯмак менамояд, ки бошуурона хароҷоти барзиёдро маҳдуд карда, баръакс, маблағҳоятонро пасандоз ва афзун намоед.

**POS - терминалҳои электронӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар асоси шартнома аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ насб гашта, барои насб намудани он соҳибкорон бояд ба ташкилотҳои қарзие, ки бароиш ва хизматрасонии кортҳои пардохти бонкиро анҷом медиҳанд, муроҷиат намоянд.**

Рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳамчун омили инкишофи низоми молиявӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши муҳим дорад. Истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо (хариди мол ва хизматрасониҳо) ба шаффоф гаштани ҷараёни молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин, зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат менамояд.

Аз ҷониби дигар, гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ ба аҳолии кишвар имконият медиҳад, ки ҳарчи бештар ба хизматрасониҳои пардохтӣ дастрасӣ пайдо намуда, бе ҳозир шудан ба марказҳои хизматрасонии бонкӣ бо роҳҳои қулай, осон ва босуръат пардохти молу хизматрасониҳоро ба таври фосилавӣ анҷом диҳанд ва вақти худро сарфа намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Фарқият дар нишондиҳандаҳо



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати риояи талаботи қонунгузории андоз ва иҷрои уҳдадориҳои андозиро дар фаъолияти субъектҳои соҳаи парандапарварӣ дар соли 2018 ва нуҳ моҳи соли 2019 мавриди омӯзиш қарор дод.

Тибқи иттилои сармутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомии Абдураҳмон корхонаҳои парандапарварӣ, ки дар низоми имтиёзноки андозбандӣ фаъолияти худро ба роҳ мондаанд, тибқи боби $47^{1}$ Кодекси андоз чунин корхонаҳо ба муҳлати 6 сол аз пардохти андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда), андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул озод мебошанд.

Тавре номбурда зикр кард, бо мақсади рушди соҳаи парандапарварӣ дар кишвар ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ, соҳаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятнок эълон шудаанд ва ҳарчанд субъектҳои зикршуда ҳангоми воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳа аз пардохти андозҳо озод гардидаанд, мутаассифона, арзиши тухм ва маҳсулоти гӯштӣ дар бозорҳо рӯз аз рӯз дар ҳоли боло рафтан қарор дорад.

Мувофиқи махзани маълумоти Кумитаи андоз ва КВД «Саноати парандапарварии Тоҷикистон», айни ҳол, дар ҷумҳурӣ 124 субъект ба фаъолияти парандапарварӣ машғул мебошанд, ки аз ин 95 адад шахси ҳуқуқӣ ва 29 нафар соҳибкори инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома амал мекунанд. Аз шумораи умумии корхонаҳои парандапарварӣ 1 адад ба шаҳри Душанбе, 9 адад ба вилояти Хатлон, 77 адад ба вилояти Суғд, 1 адад ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 38 адади он ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Ба ҳолати якуми октябри соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 4736301 сар мурғ мавҷуд буда, аз ин 2310462 сар мурғи тухмдиҳанда ва 1143316 сари дигарро мурғҳои гӯштӣ (бройлер) ташкил медиҳанд, ки шумораи умумии парандаҳо нисбат ба соли 2018 дар ҳаҷми 1832395 сар зиёд гардидааст.

Мутобиқи маълумоти дастрасшуда арзиши 1 дона тухм ба ҳисоби миёна дар бозорҳои кишвар 0,65 сомонӣ ва нархи фурӯши 1 сар мурғи зинда ё 1 кг гӯшти мурғ ба 20 сомонӣ баробар мебошад. Дар ин давра аз ҷониби субъектҳои парандапарвар, дар маҷмӯъ, 330,1 млн. дона тухм истеҳсол шуда, даромад аз ҳисоби фурӯши тухм ба 205,5 млн. сомонӣ баробар гардидааст. Истеҳсоли тухм нисбат ба соли 2018 –ум 186,5 млн. дона ва даромад аз фурӯши он 121,2 млн. сомонӣ зиёд аст.

Ҷомии Абдураҳмон афзуд, ки дар ин давра аз ҷониби субъектҳои парандапарвар, дар маҷмӯъ, 2,5 млн. сар мурғи зинда фурӯхта шудааст ва 5,2 ҳазор тонна гӯшти мурғ истеҳсол гардидааст. Даромади корхонаҳои соҳаи мазкур дар 9 моҳи соли 2019 мутаносибан аз ҳисоби фурӯши мурғи зинда 59,5 млн. сомонӣ ва фурӯши гӯшти он 103,6 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Аз таҳлилҳои анҷомёфта бармеояд, ки даромади аслии субъектҳои дар соҳаи парандапарварӣ фаъолиятдошта аз ҳисоби фурӯши паранда (мурғ), тухм ва истеҳсоли гӯшт дар соли 2018 ба 158,7 млн. сомонӣ ва дар 9 моҳи соли 2019, дар маҷмӯъ, ба 368,6 млн. сомонӣ баробар буда, афзоиши даромади умумии корхонаҳои соҳа нисбат ба соли 2018 ба 232,3 фоиз расидааст.

Тавре зикр шуд, корхонаҳои соҳаи мазкур даромади умумии худро ҷамъ ба маблағи 253,1 млн. сомонӣ нишон додаанд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои соҳа, фоидаи софи онҳо барои давраи соли 2018, дар маҷмӯъ, маблағи 15,8 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба 6,2 фоизи даромади умумӣ баробар аст.

Новобаста аз ин, дар рафти таҳлилҳо ҳолатҳои аз ҷониби корхонаҳои ба фаъолияти парандапарварӣ машғулбуда пешниҳод накардани тавозуни муҳосибӣ барои соли 2018 ба назар мерасад. Аз ҷумла, муайян шудааст, ки аз ҷониби 36 адад корхонаи соҳаи мазкур тавозуни муҳосибӣ барои давраи ҳисоботии соли 2018 ба мақомоти андоз пешниҳод нагардидааст.

Гарчанде тибқи қонунгузорӣ барои фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ як қатор имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ гардидааст, аммо бо мақсади канорачӯӣ аз пардохти маблағи андоз аз суди саҳмияҳо дар эъломияҳои андозӣ ин корхонаҳо даромади воқеан бадастовардаи худро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон надодаанд.

Масалан, ҶСК «Симурғ» тибқи маълумоти дастрасшуда аз КВД «Саноати парандапарварии Тоҷикистон», дар соли 2018 аз ҳисоби фурӯши паранда, тухм ва гӯшти истеҳсолшуда ба маблағи 14,2 млн. сомонӣ даромад ба даст овардааст. Аммо, аз таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ дар ҶСК «Симурғ» бармеояд, ки ҷамъият дар тавозуни муҳосибӣ даромади умумии худро барои соли 2018 ҳамагӣ ба маблағи 7,9 млн. сомонӣ нишон додааст, ки ин нисбат ба даромади воқеан бадастовардааш ба маблағи 6,3 млн. сомонӣ кам мебошад. Ҳамзамон, ҷамъият бо мақсади кам ҳисоб ва пардохт кардани андози даромад аз суди саҳмияҳо фоидаи софи худро ба маблағи 102,0 ҳазор сомонӣ ё 1,3 фоизи даромади умумӣ нишон додааст, ки ҳолати мазкур ба воқеият рост намеояд.

Ба ҳамин монанд, даромади воқеии ҶДММ «Амири Хуҷандӣ», ки дар ноҳияи Ҷаббор Расулов ба фаъолияти парандапарварӣ, истеҳсоли тухм, гӯшт ва хӯроки паранда машғул аст, аз ҳисоби фурӯши тухм, паранда ва гӯшт дар соли 2018 маблағи 4,5 млн. сомониро ташкил додааст. Вале ҷамъият даромади худро дар тавозуни муҳосибӣ ҳамагӣ ба маблағи 2,7 ҳазор сомонӣ нишон додааст, ки ин ба 0,7 фоизи даромади умумӣ баробар мебошад.

Ҷомии Абдураҳмон гуфт, ки дар фаъолияти 29 адад ҷамъияти ба фаъолияти парандапарварӣ машғулбуда ҳолатҳои кам нишон додани даромади умумӣ дар тавозуни муҳосибӣ ба маблағи 50,0 млн. сомонӣ ба назар мерасад. Таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз нишон медиҳад, ки маблағҳои ҳисобшудаи субъектҳои соҳаи парандапарварӣ дар 9 моҳи соли 2019 –ум 7,2 млн. сомонӣ буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 3,5 млн. сомонӣ зиёд ва суръати афзоиши маблағҳои ҳисобшуда ба 196,7 фоиз баробар аст. Маблағҳои ҳисобшудаи андозҳои субъектҳои мазкур гарчанде, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфта бошанд ҳам, аммо дар фаъолияти баъзе аз корхонаҳои ин соҳа ҳолати камшавии он дида мешавад.

Масалан, маблағҳои ҳисобшудаи ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди “Мурғи Порсиён” дар ҳаҷми 147,7 ҳазор сомонӣ, “Тухми аълосифат” 49,8 ҳазор сомонӣ, “Сипар И” 8,5 ҳазор сомонӣ, “Парандапарвари Шаҳринав” 18,6 ҳазор сомонӣ ва соҳибкори инфиродӣ А. Каримов 23,8 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Бояд гуфт, ки камшавии маблағҳои ҳисобшудаи субъектҳои ба фаъолияти парандапарварӣ машғулбуда, асосан, аз ҳисоби дар эъломияҳои андоз кам нишон додани шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнати ба онҳо пардохтшаванда мебошад.

Дар 9 моҳи соли 2019 шумораи коргарони кирояи субъектҳои соҳибкории ба фаъолияти парандапарварӣ машғулбуда, дар маҷмӯъ, 1205 ададро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 264 адад зиёд мебошад. Зиёдшавии шумораи коргарони кироя, асосан, аз ҳисоби субъектҳои нав бақайдгирифташуда ба ҳисоб меравад.

- Мушкили дигаре, ки дар фаъолияти субъектҳои парандапарвар ба назар мерасад, - афзуд Ҷомии Абдураҳмон, - ин аз ҷониби онҳо дар эъломияҳои андоз пурра нишон надодани шумораи коргарони кироя ва музди меҳнати онҳо мебошад.- Чуноне таҳлили эъломияҳои пешниҳоднамудаи корхонаҳои соҳа нишон медиҳад, музди миёнаи моҳонаи 1 нафар коргари кирояи онҳо дар 9 моҳи соли 2019 маблағи 732,3 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба музди миёнаи моҳонаи коргарони кирояи дигар соҳаҳои иқтисодиёт хеле кам аст. Бояд гуфт, ки ҳолатҳои кам гардидани шумораи коргарони кироя ва ба мақсади кам ҳисоб намудани андозҳо ва маблағи ночиз нишон додани музди маоши онҳо дар фаъолияти аксари субъектҳо ба назар мерасад.

Бинобар ин, субъектҳои соҳаи парандапарвариро зарур аст, ки тибқи қонунгузории мақомоти андоз амал карда, маблағи андозҳои муқарраршударо сари вақт ба буҷети мамлакат пардохт намоянд, шумораи коргарони кироя ва музди меҳнати онҳоро дар эъломияҳои андозии худ пурра нишон диҳанд ва ҳаргиз ба қонунвайроникуниҳои андоз роҳ надиҳанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Челябинске повышена ставка земельного налога для гаражных автосервисов

**Те, кто занимается в гараже бизнесом должны платить не 0,5% от кадастровой стоимости, а 1,5%**

Депутаты челябинской городской думы проголосовали за дифференциацию ставки земельного налога для владельцев частных гаражей. С 1 января 2020 г. жители города, которые занимаются в гараже предпринимательской деятельностью, — меняет шины, чинит авто или использует объект для торговли — должны платить не 0,5% от кадастровой стоимости, а 1,5%.

Выявлением коммерческих гаражей займутся администрации районов. По мнению парламентариев, районные власти заинтересованы в этом, потому что недавно принятое думой решение повышает сборы от земельного налога в местные бюджеты с 3% до 30%.



# Семинар-машваратҳо то кадом андоза таъсиргузоранд?



**Ба хотири афзудани донишу фаҳмиш, маълумотнокӣ ва шинос намудани андозсупорандагон бо қонуну қоидаҳо, қарору фармоишҳо ва тарзи дурусти корбурд дар соҳаи андози кишвар корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинарҳои омӯзишӣ ба роҳ монда мешаванд. Коршиносони соҳа бар он назаранд, ки мақсад омӯзиш ва корҳои иттилоотӣ буд, ки давоми чанд соли охир маълумотнокии андозсупорандагон беҳтар гардид. Аммо суол ин аст, ки семинарҳои омӯзишӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ хуб сурат мегиранд ва оё самаранок мегиранд ва оё қонеъкунандаанд?**

Ба иттилои мутахассисони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон давоми 10 моҳи соли 2019 дар шаҳру навоҳии вилоят бо иштироки андозсупорандагон 393 семинар – машварат ва вохӯриҳои иттилоотӣ гузаронида шудааст. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 66 адад зиёд мебошад.

Корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешниҳоди эъломияҳо ва дигар самтҳои корӣ дар бозорҳо, марказҳои калони савдо ва ташкилоту муассисаҳои хизматрасонӣ, субъектҳои соҳибкорӣ ва дар умум, бо ҳамаи намуди андозсупорандагон бояд гузаронида шаванд. Барои гузаронидани семинар–машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ нақшаи махсус тасдиқ гардидааст ва дар ин асос шахсони мутасаддӣ вазифадор шудаанд.

Соҳибкор аз шаҳри Бохтар Аниса Комила изҳор дошт, ки алҳол дар бораи ҳамаи қонунгузориҳои андозӣ, тартибу интизоми корӣ ва тағийру иловаҳо ба қарорҳо маълумот надорем. Барои маълумот гирифтан имкон ҳам нест. Хуб аст, ки баъзан вохӯриҳо ташкил мекунанд ва суолу ҷавоби озод, фаҳмондадиҳӣ аз тарафи мутахассисон баргузор мегардад. Маҳз бо ҳамин восита маълумотнокӣ ва фаҳмиши андозии мо боло меравад.

Андозсупоранда аз ноҳияи Дӯстӣ Шамсулло Ҳақназаров илова кард, ки барои андозсупорандагон курс ё семинарҳои кӯтоҳмуддат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Дар чунин семинарҳо агар иштирок кунем, маълумоти бештар гирифта метавонем. Агар дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо семинарҳои омӯзишӣ ва вохӯриҳо зудзуд гузаронида шаванд, андозсупорандаи бемаълумот кам мемонад.

- Оид ба ҳар як семинар – машварату корҳои фаҳмондадиҳӣ, тибқи тартиб, протокол ва сабти видеои он ба Раёсати андози вилоят бояд пешниҳод гардад, - мегӯяд сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Б. Нурализода. – Аммо дар ин масъала баъзан беэътиноӣ зоҳир мешавад. Бо мақсади сари вақт ислоҳ намудани камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз аз ҷониби шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсат ба унвони нозироти андози шаҳру навоҳӣ мактубу барқияномаҳои супоришӣ ирсол гардид, ки мутаассифона, бе ҷавоб боқӣ мондаанд.

Нозироти андози шаҳру навоҳиро зарур аст, ки бо расонаҳои хабарӣ ҳамкориро дар сатҳи баланд ба роҳ монда, корҳои фаҳмондадиҳиро ҳарчи бештар гузаронанд.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# Тадбирандешӣ баҳри кам кардани бақияпулиҳо



**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар самти кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва пешгирии ҳолатҳои зиёдшавии он, шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар доираи ваколатҳои худ пайваста чораҳои мушаххас меандешанд. Ин аст, ки дар давоми 10 моҳи соли ҷорӣ бақияи қарзи андозсупорандагон ба андозаи 177 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.**

Чуноне ки мудири бахши ситонидани қарзи андозҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ Ф.Файззода гуфт, ба ҳолати 1 ноябри соли 2019 бақияпулиҳои андозии андозсупорандагон 4,5 миллион сомониро ташкил менамояд ва он нисбат ба аввали соли равон 177 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Аз ҷумла, бақияи қарзи андози шахсони ҳуқуқии дар нозироти андоз ба қайдгирифташуда дар ин давра 2,9 миллион сомониро ташкил медиҳанд. Яъне нисбат ба 1 январи соли ҷорӣ 1 миллиону 169 ҳазор сомонӣ кам шудааст. Аммо бақияи қарзи андози соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 1,5 миллион сомониро дар бар гирифта, нисбат ба аввали сол 927 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар нозироти андози ноҳия дар 10 моҳи соли 2019-ум, 276 шахси ҳуқуқӣ ва 545 соҳибкори инфиродии қарздор ба қайд гирифта шудааст. ҶДММ «Ҳайдари» (164,3 ҳазор сомонӣ), ҶДММ «Осим» (335,1 ҳазор сомонӣ), ҶДММ «Сотсиал-сервис» (45 ҳазор сомонӣ), ҶДММ «Комронобод» (142,3 ҳазор сомонӣ), ҶДММ «Сервис 7770» (297,4 ҳазор сомонӣ), ФҶДММ «Мирзоабдулло 2014» (124,1 ҳазор сомонӣ) аз ҷумлаи корхонаҳое мебошанд, ки дар назди буҷет қарзи калон доранд.

Тибқи маълумоти барномаи компютерии СМИИА «Идоракунӣ ва мониторинги қарзҳо» бо мақсади таъсиррасонӣ ва кам намудани бақияи қарзи андозҳо нисбати андозсупорандагони қарздор дар 10 моҳи сипаригаштаи соли 2019 мувофиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби нозироти андоз ба маблағи умумии 3,3 млн. сомонӣ ба 538 андозсупорандаи қарздор огоҳинома ирсол гардидааст, ки алҳол, аз ин ҳисоб ба буҷет 2,3 млн. сомонӣ ворид шудааст.

Ҳамчунин, бо мақсади андешидани чораҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андоз дар 10 моҳи сипаришуда, нисбати 121 нафар андозсупорандаи қарздор ба маблағи умумии 3,4 млн. сомонӣ 189 адад қарор қабул ва аз ин ҳисоб ба буҷет 1139,2 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст. Ғайр аз ин, аз ҳисоби 84 қарор, ки нисбати 76 андозсупорандаи қарздор ба маблағи умумии 1,5 млн. сомонӣ, дар соли 2018 қабул гардидаву иҷрои онҳо ба соли 2019-ум гузаронида шуда буд, дар 10 моҳи соли 2019-ум 994 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин шудааст. Ҳамин тариқ, тибқи тартиби ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, дар маҷмӯъ, 3,3 миллион сомонӣ ба буҷет дохил гардидааст.

Бояд зикр кард, ки аз ҷониби кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 600 ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ошкор ва ба маблағи 940,3 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъин шудааст. Аз маблағи умумии ҷаримаҳои муайяншуда ба ҳолати 1 ноябри соли 2019-ум 552,2 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шудааст, ки 58,7 фоизи маблағи ҷаримаҳоро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои ба зиммадоштаашон баҳри таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида, кам намудани бақияи қарзи андоз ва шумораи андозсупорандагони қарздор тамоми чораҳои заруриро андешида истодаанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Таъмини босифати андозҳо

**Бо мақсади таъмини нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дар 10 моҳи соли равон кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик корҳои назаррасро ба сомон расониданд.**

Тавре сардори нозироти андози ноҳия Зафар Авазов зикр кард, иҷрои нақшаи андоз дар 10 моҳи соли равон дар ноҳия ба андозаи 104,4 фоиз таъмин шуда, ба ҷои 12 миллиону 523 ҳазору 952 сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷет 13 миллиону 104 ҳазору 959 сомонӣ маблағи андоз ворид гардидааст. Ҳарчанд дар ноҳия иҷрои нақшаи андоз таъмин гардида бошад ҳам, мутаассифона, бақияпулиҳои қарзи андоз ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад. Тибқи маълумот ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 бақияпулиҳои қарзи андоз дар ноҳия 8 миллиону 971 ҳазору 800 сомониро ташкил медод. Дар 10 моҳи соли равон дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ 320 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Кормандони нозироти андози ноҳия соли ҷорӣ ҷавобгар ҳастанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиону 600 ҳазор сомонӣ қарзи андозро кам намоянд. Дар ин давра аз тарафи мутахассисони андози ноҳия 20 маротиба семинар - машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон гузаронида шудааст.

Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки бештари андозсупорандагони қарздор соҳибони кооперативҳои тиҷоратӣ мебошанд. Аз ҷумла, кооперативи тиҷоратии «Исмоили Сомонӣ» дар назди буҷет ба маблағи 599 ҳазор сомонӣ қарздор мебошад. Кооперативи тиҷоратии «Кангурт» низ аз ҳамин қабил қарздорон буда, маблағи қарзаш ба 1 миллиону 607 ҳазор сомонӣ расидааст. Кооперативи тиҷоратии «Ҷалолиддини Румӣ» ба маблағи 1 миллиону 433 ҳазор сомонӣ қарзи андоз дорад. Ҳамин тавр, метавон шумораи зиёди кооперативҳои тиҷоратӣ ва ташкилоту корхонаҳоро мисол овард, ки дар назди буҷет маблағҳои калони қарзи андоз доранд.

Тибқи гуфтаи З. Авазов дар 10 моҳи соли равон аз тарафи кормандони андози ноҳия ба маблағи 3 миллиону 467 ҳазору 400 сомонӣ 83 қарор дар мавриди ситонидани қарзи андоз қабул гардидааст, ки аз он 2 миллиону 383 ҳазору 300 сомонӣ ба буҷет таъмин шудааст.

Айни замон, дар ноҳия, 372 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки дар 10 моҳи соли равон аз ҳисоби онҳо 417013 сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст. Бақияи қарзи андоз аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда 64 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

- Феълан, дар нозироти андози ноҳия 372 соҳибкор тибқи патент фаъолияткунанда, 100 соҳибкор дар асоси шаҳодатнома, 301 шахси ҳуқуқӣ ва 735 хоҷагии деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст,- афзуд Зафар Авазов.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

Боҷу хироҷ
№48 (1197)
Панҷшанбе, 28 ноябри соли 2019



# Маслиҳату тавсияҳо

**Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ миёни андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машварату, воҳӯриҳо ва таҳияи намоишҳо самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, имрӯз ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир шуда истодааст. Вобаста ба ин, дар бозори “Варзоб” бо иштироки кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъулону соҳибкорони бозори мазкур семинар-машварат баргузор гардид.**



Саравввал, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андози шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов ҷамъомадагонро бо Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, дар фаъолияти минбаъдаи онҳо муваффақиятҳои беназирро орзу намуд.

- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марди фозилу хирадмандест, ки давлатро аз фаноёбӣ наҷот дода, ба қалби мардумаш шуълаи умедро бедор ва бо қадамҳои қатъӣ ба сулҳу осоиш, рушду суботи минбаъда ҳидоят намуданд, - гуфт И. Муродҳусейнов.

Дар идома мавсуф қайд кард, ки ташкили семинар-машварату, воҳӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон танҳо бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандаҳо ва пешгирии қонуншиканиҳо дар ҳисобу пардохти андозҳо мебошад. Инчунин, барои хотима додан ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ сари вақт пардохт карданиандозҳо ва кам намудани бақияи қарзи андозҳо маслиҳату тавсияҳо дода шуд. Ӯ бо такя аз натиҷаи таҳлилҳо гуфт, ки ҳанӯз ҳам бархе аз соҳибкорон дар бозори мазкур бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд. Таъкид карда шуд, ки ҳангоми ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан аз бақайдгирии давлатӣ гузаштан зарур ва ҳатмӣ мебошад. Барои бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Дар семинар-машварат сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷамолиддин Зокирзода низ суханронӣ намуд. Ба гуфтаи ӯ фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи патент ё шаҳодатнома амалкунанда бояд дар асоси моддаҳои 283-289 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, таҳти №451 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” ба роҳ монда шавад. Соҳибкорони инфиродие, ки маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда пешпардохт менамоянд, маблағи умумии пардохт барои патент ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад.

Мутахассиси пешбари бахши ҳуқуқи Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Б. Неъматуллозода зимни баромадаш қайд кард, ки масъулони бозорҳо ва марказҳои калони савдо, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ба имзо мерасонанд, уҳдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳалли қайди худ оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият, бо нишондоди раста ва ҷои фаъолият, ба таври электронӣ маълумот пешниҳод намоянд. Дар сурати бе қайд дар мақомоти андоз бо соҳибкорон бастани шартнома аз тарафи бозорҳо ё марказҳои савдо мутобиқи моддаи 23 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикӣ дар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳисобида шуда, роҳбарон ва шахсони масъул ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Дар охир ба андозсупорандагон рӯзномаи “Боҷу хироҷ” ва буклетҳои ройгон тақсим карда шуд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Гузариш ба шакли электронӣ



Масъалаи гузариши андозсупорандагон ба тарзи электронии пешниҳод намудани эъломияҳо дар мақомоти ҳудудии андоз дар вилояти Хатлон пурра таъмин нагардидааст. Аз шумораи умумии андозсупорандагони вилоят 42382 андозсупоранда ба шакли электронӣ гузаронида нашудааст. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Вахш 32,1%, Муъминобод 14%, Восеъ 22%, Ҳамадонӣ 18,4%, Фархор 31%, Данғара 31% ва Шамсиддин Шоҳин 26,8%-ро дар бар мегиранд, ки нишондиҳандаи мазкур нигаронкунанда мебошад.

Ба иттилои манбаъ, бо мақсади таъмини иҷрои талаботи мактубҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2019 ва 20 майи соли 2019 дар робита ба муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2010, №626 “Дар бораи барномаи рушди маъмурикунонии андозҳо” дар қисмати таъмини гузариши андозсупорандагон ба шакли электронии пешниҳоди ҳисобот (эъломияҳо), аз ҳисоби мутахассисони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Гурӯҳи корӣ таъсис ёфта, ба нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои мазкур сафарбар шуданд. Дақиқ гардид, ки сабаби асосӣ дар ин росто назорати суст аз рӯи фаъолияти андозсупорандагон, ирсол накардани огоҳиномаҳо ҷиҳати гузариш ба шакли электронии пешниҳоди ҳисобот, дар сатҳи зарурӣ нагузаронидани корҳои назоратӣ, фаҳмондадиҳӣ ва семинар – машваратҳо дар ин самт мебошад.

Аз ин лиҳоз, баҳри ислоҳи камбудию норасоиҳо ба масъулони нозиртҳои андоз дар ноҳияҳои номбурда мӯҳлат дода шуд. Мувофиқи нақша, бояд то охири сол ҳамаи норасоиҳо ислоҳ гарданд.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**




## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Сроки уплаты налога на транспорт планируют перенести в Казахстане

**В 2020 году планируется перенести сроки уплаты налога на транспорт с 31 декабря на 1 апреля следующего за отчетным налоговым периодом года.**



Об этом сообщил исполняющий обязанности директора департамента налоговой методологии Комитета государственных доходов Министерства финансов Даулет Жарылгасинов, передает корреспондент Tengrinews.kz.

На брифинге в Нур-Султане Жарылгасинов рассказал, что ожидает налогоплательщиков после изменения налогового законодательства, запланированного на 2020 год. «Планируем перенос сроков уплаты налога на транспорт физических лиц с 31 декабря на 1 апреля года, следующего за отчетным налоговым периодом. Также предусматривается объединение и оптимизация налога на имущество и земельного налога. То есть проектом закона в целях упрощения уплаты налога на имущество и земельного налога физических лиц предлагается провести объединение указанных налогов без изменения элементов - то есть объекта обложения, налоговой ставки и порядка исчисления уплаты», - сообщил Жарылгасинов.

Он пояснил, что налоги на земельный участок и имущество будут считаться по отдельности в своем порядке, но налогоплательщику будут предъявлять к уплате одну сумму на единый код бюджетной классификации. Сколько погасили казахстанцы из топ-100 должников по налогам

«Также предусматривается отмена земельного налога на собственников в многоквартирных жилых домах в связи с незначительной суммой налога и большими затратами на администрирование», - добавил он.

**Tengrinews.kz**

# Қарзи андоз кам шуд

**Дар Нозироти андози ноҳияи Мастчоҳ дар давоми ёздаҳ моҳи соли 2019 ҷиҳати ситонидани қарзи андозҳо корҳои назаррас ба сомон расонида шуданд. Дар натиҷа, бақияи қарзи андоз нисбат ба аввали соли равон кам гардид.**



Бино ба маълумоти сардори нозироти андози ноҳия Асириддин Ҳасанов, дар натиҷаи андешидани чораҳои таъсирбахш бақияи қарзи андоз дар давоми ёздаҳ моҳи соли 2019 нисбат ба аввали сол, ки 10 миллиону 890 ҳазору 740 сомонӣ буд, ба маблағи 1 миллиону 671 ҳазору 613 сомонӣ кам карда шудааст. Аз аввали соли 2019 ба 481 нафар андозсупорандае, ки қарзи андоз доранд ба маблағи 3 миллиону 250 ҳазору 100 сомонӣ огоҳинома ирсол гардид, ки 70,01 фоизи шумораи умумии қарздоронро дар бар мегирад. Аз ҳисоби огоҳиномаҳои ирсолгардида 2 миллиону 10 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ба буҷет ворид гардидааст.

Дар ин давра бобати маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи умумии 6 миллиону 156 ҳазору 400 сомонӣ 60 адад қарор ба имзо расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17 адад зиёд мебошад. Аз ҳисоби қарорҳои дар ин давра қабулгардида 33 адади онҳо пурра иҷро шуда, ба буҷети давлатӣ 2 миллиону 420 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Ҳамзамон, аз ҳисоби қарорҳои соли 2018 қабулшуда дар соли ҷорӣ 285,1 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ба ҳисоби буҷет рӯёнида шудааст. Ҳамагӣ аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар соли гузашта ва давраи сипаришудаи соли ҷорӣ 2 миллиону 705 ҳазору 600 сомонӣ маблағ ба буҷети давлатӣ ворид гардидааст.

Чи тавре ки сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳои нозироти андози ноҳия Абдуманон Маҳмудов гуфт, ба ҳолати имрӯза шумораи андозсупорандагони аз буҷети давлатӣ қарздор дар ноҳия 687 адад ва маблағи бақияи қарзи андоз 9миллиону 219 ҳазору 127 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин маблағ қарзи андози иҷтимоӣ 6 миллиону 995 ҳазору 696 сомонӣ, аз он ҷумла буҷетӣ 3 ҳазору 783 сомонӣ ва ғайрибуҷетӣ 6 миллиону 991 ҳазору 913 сомониро мебошад. Қарзи андоз дар ноҳияи Мастчоҳ, асосан, аз ҳисоби Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия 2 миллиону 63 ҳазору 109 сомонӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ 4 миллиону 594 ҳазору 504 сомонӣ ва дигар соҳаҳо 2 миллиону 561 ҳазору 514 сомонӣ рост меояд. Аз ҳамаи хоҷагиҳои кишоварзии қарздор барои пардохти пурраи бақияи қарзи андоз ӯҳдадорӣ гирифта шудааст, ки ҳангоми фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ маблағи қарзи андози худро дар назди буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

# Андозбандию андозсупории иҷорадиҳандагони молу мулк

**Яке аз сарчашмаҳои иловагие, ки ба ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ ва таъмини иҷрои нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ мусоидат мекунад, ба андозбандӣ ҷалб кардани иҷорадиҳандагони молу мулки манқул ва ғайриманқул мебошад.**



Тавре аз Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе иттилоъ доданд, шумораи иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ба санаи 1 октябри соли 2019 дар шаҳри Душанбе 4646 нафар ва шумораи объектҳои ғайриманқули ба иҷорадодашуда 8373 ададро ташкил медиҳад. Масоҳати умумии объектҳои ғайриманқули баиҷорадодашуда 592180 метри мураббаъро ташкил дода, дар ин давра маблағи ҳисобшудаи андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи амволи ғайриманқул 3 миллион сомонӣ мебошад, ки аз ин 2,8 миллион сомониаш ба буҷет таъмин гаштааст.

Хотиррасон мешавем, ки бо мақсади сарфаи вақти андозсупорандагон ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромад, ташкили махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад, дар мақомоти андоз барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтааст. Тавассути барномаи компютерии мазкур андозсупорандагон ва иҷорадиҳандагон имкон доранд дар шакли электронӣ молу мулки баиҷорадодаи худро ба қайд гирифта, эъломияи андозро пешниҳод ва маблағи андозро пардохт намоянд.

Аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқули шахсони воқеии мавҷудбуда ба санаи 1 октябри соли ҷорӣ 2322 нафари он ба барномаи компютерӣ ворид шудааст, ки 50 фоизи шумораи умумии иҷорадиҳандагонро дарбар мегирад. Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шоҳмансур 56,5 фоиз, Исмоили Сомонӣ 41,4 фоиз, Фирдавсӣ 68,6 фоиз ва Сино 37,5 фоизро ташкил медиҳад, ки он аз фаъолияти нокифояи шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии нозиротҳои андози мазкур шаҳодат медиҳад. Шумораи эъломияҳои аз ҷониби иҷорадиҳандагон пешниҳодшуда 3881 адад ё 75 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Шоҳмансур 71 фоиз, Исмоили Сомонӣ 82,5 фоиз, Фирдавсӣ 73,3 фоиз ва Сино 73,8 фоизро ташкил менамояд.

Чуноне ки дар Раёсати андози шаҳри Душанбе хабар доданд, аз ҷониби нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе барои пешниҳод накардани эъломияҳои андоз сари вақт чораҳои зарурӣ андешида нашудааст. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Шоҳмансур аз 944 андозсупоранда 670 субъект, Исмоили Сомонӣ аз 971 андозсупоранда 801 субъект, Фирдавсӣ аз 1025 андозсупоранда 751 субъект ва Сино аз 1300 андозсупоранда 959 субъект, дар маҷмӯъ, аз 4240 андозсупоранда 1059 нафар ё 24,9 фоиз эъломияҳои худро ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, аммо аз ҷониби нозиротҳои андоз ҳамагӣ нисбати 418 нафари онҳо ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шудааасту халос.

Ёдовар мешавем, ки сардорони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе вазифадор шуда буданд, ки дар кӯтоҳтарин мӯҳлат маълумоти иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқул ва эъломияҳои иҷорадиҳандагонро таҳлил ва ба барномаи компютерӣ дохил намоянд. Мутаассифона, дар барномаи компютерӣ маълумот то ҳол пурра дохил нагардидааст.

Вобаста ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе нозиротҳои андози ноҳияҳои зикршударо вазифадор кардааст, ки ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромад, ба қайд гирифтани объектҳои молу мулки шахсони воқеии, ки ба иҷора дода шудаанд ва ҳамзамон, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва беҳтар кардани сифати кор дар ин самт тадбирҳои заруриро андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Билл Гейтс впервые за два года возглавил рейтинг богатейших людей мира

**Основатель компании Microsoft Билл Гейтс впервые более чем за два года возглавил рейтинг богатейших людей мира по версии Bloomberg, обогнав основного акционера Amazon Джеффа Безоса.**

На момент публикации состояние Гейтса оценивалось в $110 млрд, у Безоса было на $1 млрд меньше. На третьем месте в списке миллиардеров — председатель и гендиректор холдинга Louis Vuitton Moët Hennessy (LVMH) Бернар Арно с состоянием в $103 млрд.

Росту доходов Гейтса способствовало решение министерства обороны США заключить с Microsoft десятилетний контракт на $10 млрд, отмечает агентство. О результатах тендера было объявлено в конце октября, до этого главным претендентом на контракт считался Amazon. По условиям договора Microsoft должен будет создать облачную инфраструктуру для хранения данных. Американские СМИ допускали, что на решение Пентагона мог повлиять президент Дональд Трамп, который неоднократно критиковал Amazon и лично Безоса.

На прошлой неделе Forbes сообщал, что Арно временно обогнал Гейтса в списке богатейших людей мира. Состояние француза выросло до $107 млрд на фоне новостей о том, что LVMH ведет переговоры о покупке американского бренда люксовых украшений Tiffany & Co.



**Имрӯзҳо Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор корҳои назоратӣ бурда, сабабҳои сари вақт пешниҳод накардан ва ё ба таври сифрӣ пешниҳод шудани эъломияҳои андозиро аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор муайян ва моводи ҳар як субъекти хоҷагидорро оид ба фаъолият накардан ё аз фаъолият боз мондани онҳо баррасӣ намуда, барои дар доираи талаботи Кодекси андоз дар фаъолияти онҳо гузаронидани санҷиши барҳамдиҳии қатъи фаъолият чораҷӯӣ карда истодааст.**

# Фаъолияти андозсупорандагон дар мадди назар

Хотиррасон мешавем, ки бо мақсади дар амал татбиқ намудани талаботи моддаи 20[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 21-уми ноябри соли 2017 таҳти №533 «Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият» ба тасвиб расида буд. Тибқи тартиби мазкур агар субъекти хоҷагидор дар давоми дувоздаҳ моҳи охир ягон амалиёти андозбандишавандаро иҷро накунад, ҳисобот ва эъломияҳои андозро пешниҳод насозад, фаъолияти иқтисодӣ хориҷиро анҷом надиҳад, субъекти бефаъолият ба ҳисоб меравад ва ба суроғаи ҳуқуқии он аз ҷониби мақомоти андози дахлдор оид ба зарурати идома додани фаъолият ё ба таври дахлдор қатъ намудани фаъолияти он огоҳиномаи хаттӣ ирсол карда мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби субъект иҷро накардани талаботи огоҳинома ва дар мӯҳлати як моҳи тақвимӣ пешниҳод накардани маълумот оид ба давом додани фаъолият, субъект бо риояи тартиби Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият дар ин хусус огоҳ карда мешавад. Дар сурати доштани қарзҳои андозӣ субъектҳои бефаъолият аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ карда намешаванд.



Бино ба маълумоти сардори Нозироти андози шаҳри Гулистон Зарина Раҳмонова қаблан ҳам дар мақомоти андоз дар ин самт корбарӣ карда мешуд. Дар заминаи иҷрои амалии Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.11. 2019 ба рафти корҳо дар ин самт тақвият бахшида шуда, дар нозироти андози шаҳр Гурӯҳи корӣ таъсис ёфт, ки пайваста чораҷӯӣ намуда истодааст.

Дар заминаи татбиқи ин талабот дар фаъолияти андозсупорандагон Феҳристи ягонаи давлатӣ аз корхонаҳои бефаъолият тоза мешавад. Зеро ин гуна андозсупорандагон бо бефаъолиятии худ ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи андозии мақомоти ҳудудии андоз таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳангоми таҳия ва қабули нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар ҳар як мақомоти ҳудудии андоз, мавҷуд будани ин тоифа андозсупорандагон нақши манфӣ мебозад. Ин гурӯҳи андозсупорандагон фақат нақши оморӣ доранд. Дар асл, дар таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ ҳисса намегузоранд.

Дар қайди Нозироти андози шаҳри Гулистон низ чунин андозсупорандагон ҳастанд. Дар мисоли ҶДММ «Олами коғазҳо», «Ширкати аграрии ғалабаовар», намояндагии ҶДММ «Хорошее настроение» ва чанде дигар, ки ин гуна корхонаҳо солҳои тӯлонӣ фаъолият надошта, дар назди буҷети давлатӣ қарзҳои зиёди андоз доранд.

Умуман, ба санаи 01.11.2019 аз 301 адад шахси ҳуқуқии дар қайди мақомоти андозбуда, ба нозироти андози шаҳр танҳо 242 ададашон эъломияи андоз пешниҳод кардаанд, ки 80%-ро ташкил медиҳад. Инчунин, аз ҳисоби 182 нафар соҳибкори инфиродии шаҳри Гулистон 138 нафарашон ба мақомоти андоз барои ҳамин давраи соли 2019 эъломияи андоз пешниҳод кардаанд, ки ҳамагӣ ба 76% фоиз баробар мебошад. Қайд намудан лозим аст, ки давоми соли равон 2 адад шахси ҳуқуқӣ ва 22 нафар соҳибкори инфиродӣ барои бефаъолият буданашон аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ карда шудаанд.

Ба гуфтаи Зарина Раҳмонова кормандон тасмим гирифтаанд, ки дар заминаи иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ ба ҳар як андозсупоранда таваҷҷӯҳи алоҳида зоҳир кунанд. Бо ин усули корбарӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ танҳо андозсупорандагоне боқӣ мемонанд, ки воқеан дар доираи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Коҳиши бақияи қарзи андоз

**Ба санаи 1-уми ноябри соли 2019 дар Нозироти андози ноҳияи Зафаробод бақияи қарзи андоз 9 миллиону 953,4 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол ба маблағи 765,3 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст. Новобаста аз ҳисоб шудани ҷаримаву фоизҳо дар ин давра бақияи қарзи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ низ ба маблағи 1 миллиону 909,8 ҳазор сомонӣ кам шудааст. Дар ин хусус ба мо сардори нозироти андози ноҳия Олимҷон Ҷумаев хабар дод.**

Дар даҳ моҳи соли равон бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои афзоиши қарзи андоз мутобиқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 808 адад андозсупоранда, аз ҷумла ба 201 адад шахси ҳуқуқӣ ва ба 607 соҳибкори инфиродӣ ба маблағи 10 миллиону 348,2 ҳазор сомонӣ огоҳинома ирсол шудааст. Дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 5 миллиону 814,9 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст.

Дар ин давра, ҳамзамон, чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо низ амалӣ шуданд. Аз ҳисоби боздоштани суратҳисоби андозсупоранда, ҳабси маҳсулоти тайёри андозсупоранда ва аз ҳисоби пули нақд нисбати 355 соҳибкор ба маблағи 4 миллиону 363,0 ҳазор сомонӣ чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ ва аз ин ҳисоб ба буҷет 1 миллиону 582,3 ҳазор сомонӣ рӯёнида шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои қарорҳои қабулшуда ва кам намудани бақияи қарзи андоз рӯйхати ҳамаи қарздорон ба корхонаҳои коркард ирсол гардида, талаб карда шудааст, ки бе санади муқоисавии мақомоти андоз ҳисобаробаркунӣ амалӣ нагардад. Дар натиҷаи амалӣ намудани ин тадбирҳо ва дигар чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар ноҳия танҳо дар моҳи октябр ба маблағи 126,0 ҳазор сомонӣ қарзи андозҳо кам шудааст.

Ҳамзамон, дар ҳамкории нозироти андоз бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод ба 152 адад хоҷагии деҳқонӣ, ки солҳои тӯлонӣ бақияи қарзи андозро пардохт накардаанд, огоҳиномаи раиси ноҳия оид ба пардохти қарзи андоз ирсол гардидааст. Дар ҳолати таъмин накардани иҷрои талаботи огоҳинома масъалаи бекор намудани қарори ҷудо намудани замини кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар ноҳия ҳамаи имкониятҳо вобаста ба таъмини иҷрои нақшаи пешбинишудаи андозҳо мавҷуд аст ва мақомоти андоз чораҳои заруриро баҳри сифатнок таъмин кардани нақшаи воридоти андозҳо амалӣ менамояд.

**Тоҳирҷон ШАРИФӢ**
**вилояти Суғд**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Великобритания собирается увеличить медицинский налог для иностранцев



**В данный момент он составляет £400 в год, а будет повышен до £625**

Британский кабмин собирается увеличить размер медицинского налога для иностранцев до £625 ($800) в год, распространив его после Brexit на граждан Евросоюза, сообщили представители британского правительства, сформированного из членов Консервативной партии, пишет ТАСС.

«Люди, которые приезжают сюда, должны платить налог в £625 в год, чтобы таким образом мы могли покрыть расходы на национальную систему здравоохранения (NHS)», — заявил в эфире телеканала BBC министр иностранных дел Великобритании Доминик Рааб.

Медицинский налог для иностранцев был впервые введен в 2015 г. и составлял £200 в год ($260), но позже был повышен до нынешних £400 ($520) в год. В данный момент налог не распространяется на граждан ЕС.

## Гиромидошти муқаддасоти миллӣ

**Дар Раёсати андози вилояти Суғд бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он роҳбарият ва кормандони раёсати андози вилоят ширкат намуданд.**

Чорабинии идонаро муовини сардори Раёсати андози вилояти Суғд Бурҳон Маъруфзода ифтитоҳ намуд.

Сипас, мудири бахши кадрҳои раёсат Наимҷон Комилзода дар мавзӯи «Парчам-муқаддасоти миллӣ» баромад кард. Ӯ аз ҷумла зикр намуд, ки тибқи муқаррароти моддаи 3 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам ҳамчун яке аз рамзҳои давлатии Тоҷикистон пазируфта шудааст. Парчами давлатӣ тамоми сокинони кишварро ба ифтихор аз давлату давлатдорӣ, таҳкими истиқлолияти миллӣ, ҳифзи дастовардҳои он ва пеш аз ҳама, ваҳдати миллӣ ва саъю талоши пайваста ба хотири ободию осудагии сарзамини аҷдодӣ раҳнамун месозад.

Аз таърих ба мо маълум аст, ки парчам ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим рамзи давлатдорӣ, шукӯҳу ифтихор ва нангу номуси миллати тоҷик буд. Зеро давлатсозӣ ва давлатдории тоҷикон таърихи қадима дорад. Аҷдодони мо ҳанӯз дар замони Каёниён соҳиби дирафше буданд, ки ифодагари мавҷудияти давлати онон буд. Парчами давлатии Тоҷикистон ҳамқадами соҳибистиқлолии кишвар буда, дар баробари Конститутсия, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ ва асъори миллӣ аз шумори рамзҳо ва муқаддасоти давлат махсуб меёбад.

Дар ҷамъомад, ҳамчунин, чанд тан аз кормандони мақомоти андози вилоят ба сухан баромада, дар хусуси мақому манзалати парчам дар рукни давлатдорӣ, саҳми беандозаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бузургдошти ин муқаддасоти миллӣ ҳарф заданд.

**Тоҳирҷон ШАРИФӢ,**
**вилояти Суғд**

### НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

## Казахстанцы начнут получать SMS с точной суммой налогов



С 19 сентября казахстанцев начнут уведомлять о задолженности перед государством посредством SMS. Гражданам будут приходить на их телефоны короткие текстовые сообщения с обозначением точной суммы налога (на транспорт, землю, имущество).

Об этом сообщают «Колеса» со ссылкой на пресс-службу Министерства финансов Казахстана.

Как пояснили в ведомстве, чтобы получать уведомления, необходимо зарегистрировать номер в базе мобильных граждан через портал электронного правительства egov.kz или мобильное приложение mgov. Проверить наличие регистрации в базе мобильных граждан можно на портале электронного правительства egov.kz в разделе «Сервисы».

Отказаться от бумажных уведомлений чиновники решили по опыту Эстонии. Там не так давно перешли на электронный формат уплаты налогов.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари додани дастуру супоришҳо ҷиҳати дар эъломияҳои андоз дуруст нишон додани шумораи воқеии коргарони кироя, пурра нишон додани музди меҳнати онҳо, тақвият бахшидан ба сари вақт ҷамъоварӣ намудани андози иҷтимоӣ ва назорати риояи қонунгузории андоз, ҳамчунин, баҳри оммафаҳм гардидани қонунгузории андоз мактубҳои дастурӣ ба табъ мерасонад, ки он дар самти корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ мавқеи муҳим дорад.**

# Мактубҳои тавзеҳотӣ-мусоидат ба пешрафти кор

Ҳанӯз моҳи апрели соли равон тибқи мактуби дастурии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2019 таҳти №5516/13 "д" бо мақсади аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор дар эъломияҳои андоз пурра нишон додани музди меҳнати дар асл пардохтшаванда, инчунин ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҷамъоварии андози даромад ва андози иҷтимоӣ ба мактубҳои дастурии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №11282/13."д" ва 10.05.2018, №5828/13. «д» "Оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ" як қатор тағйиру иловаҳо ворид шуд, ки тавассути он бо дарназардошти тағйир ёфтани андозаи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи коргарони кироя намудҳои фаъолияти иқтисодии ҷумҳурӣ, мутобиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, музди меҳнати номиналии миёнаи моҳонаи коргарони кироя аз рӯи соҳаи фаъолият ба ҳисоби миёна дар соли 2019 барои корбарӣ ба мақомоти ҳудудии андози ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд.

Дар асоси мактуби номбурда мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шудааст, ки ҳангоми гузаронидани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, семинар - машваратҳо, қабули эъломияҳои ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоии андозсупорандагон ва корҳои назоратӣ бо мақсади аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор шаффоф ва дар ҳаҷмҳои воқеан пардохташуда нишон додани музди меҳнати кормандони кирояашон дар соли 2019, ба нишондиҳандаҳои музди меҳнати миёнаи оморӣ дар шаҳру ноҳияҳои дахлдор аз рӯи соҳаи фаъолият аҳамият дода, ҷиҳати минбаъд дар ҳисобот давра ба давра ба назар гирифтани нишондиҳандаҳои музди меҳнати миёнаи оморӣ ва пешгирии саркашии андозсупорандагон аз пардохти андозҳо, мутобиқи талаботи моддаҳои 23 ва 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд.

Бояд гуфт, ки мактуби номбурда дастури амалӣ барои кормандони мақомоти андоз буда, дар сурати мавриди истифода қарор додани он метавон пеши роҳи қонунвайронкуниҳои зиёдеро дар самти пардохти андозҳо гирифт. Мутаассифона, на дар ҳамаи мақомоти ҳудудии андоз ба ин масъала аҳамият медиҳанд. Тибқи қонунгузории андоз ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ метавон ба ин масъала дахл кард ва дар фаъолияти андозсупорандагон оид ба пардохти маблағи андози даромад ва андози иҷтимоӣ камбудиҳои зиёдеро ошкор намуд.



Тайи солҳои охир, чуноне аз корҳои назоратии мақомоти андоз бармеояд, субъектҳои зиёди хоҷагидор бо мақсади пинҳон намудани манбаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки музди меҳнат ба ҳисоб меравад, музди меҳнатро ба коргарони кироя ғайрирасмӣ пардохт менамоянд ва ҳатто дар ҳисоботи андозӣ ҳаҷми музди меҳнатро аз андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат дар ҳама соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ камтар нишон дода, дар дигар ҳолатҳо шумораи коргарони кироя воқеан истифодашавандаи худро дар эъломияҳои андоз пурра нишон намедиҳанд.

Чуноне ки кормандони Нозироти андози ноҳия дар Ёвон ибрöз намуданд, мутобиқи талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати камералӣ як шакли назорати андоз буда, дар гирифтани пеши роҳи ҳама гуна қонунвайронкуниҳои андоз мавқеи зарурӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо махсуб ёфта, дар таъмини қонунгузории андоз мавқеи муҳим пайдо менамояд.

Масалан, кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон дар фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Маъруфи Барот» назорати камералӣ гузарониданд.

Мутобиқи моддаҳои 95-104 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶДММ "Маъруфи Барот" супорандаи андоз аз даромад ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои назоратӣ маълум гардид, ки дар корхонаи мазкур 4 нафар коргари кироя фаъолият менамоянд, ки музди меҳнати онҳо 21600 сомониро ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки мутобиқи маблағи номбурда музди маоши моҳонаи ҳар коргар ба ҳисоби миёна 450 сомониро ташкил медиҳад. Ҳол он ки мутобиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати номиналии миёнаи моҳонаи коргарони кироя дар соҳаи фаъолияти меҳмонхона ба 1215 сомонӣ баробар аст, ки маблағи маоши коргарони кироя, дар маҷмӯъ, 58320 сомонӣ ва ҳиссаи андози он 7178 сомониро ташкил медиҳад. Баъди ошкор шудани қонунвайронкунӣ аз ҷониби ҶДММ "Маъруфи Барот" мутобиқи моддаи 103 Кодекси андоз аз манбаи ошкоргардидаи 4774 сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб карда шуд ва андозсупоранда оид ба пардохти маблағи илова ошкоршуда ба мақомоти андоз эъломияи иловагӣ пешниҳод намуд.

Тибқи талаботи моддаҳои 212-218 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавсуф, ҳамчунин, супорандаи андози иҷтимоӣ махсуб меёбад. Тибқи эъломияҳои дар давраи назорати камералӣ пешниҳоднамудаи андозсупоранда манбаи андозбандии андози иҷтимоӣ 21600 сомонӣ нишон дода шуда, ҳиссаи андози он аз рӯи меъёри 25 фоиз ба маблағи 5400 сомонӣ ҳисоб карда шудааст. Назорати камералӣ собит намуд, ки дар давраи таҳти назорати камералӣ қарордошта фонди музди меҳнати коргарони кироя дар як моҳ мутобиқи маълумоти Агенти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати номиналии миёнаи моҳонаи коргарони кироя дар соҳаи фаъолияти меҳмонхонаҳо 1215 сомониро ташкил медиҳад, ки маблағи он, дар маҷмӯъ, 58320 сомонӣ ва ҳиссаи андози он ба 14580 сомонӣ баробар мебошад. Ҳамин тавр, назорати камералӣ дар фаъолияти ҶДММ "Маъруфи Барот" ба маблағи 4774 сомонӣ андози даромади шахсони воқеӣ ва 9180 сомонӣ андози иҷтимоиро ба таври илова ошкор намуд.

Хулоса, назорати камералӣ риояи қонунгузории андозро дар фаъолияти ҶДММ "Маъруфи Барот" таҳти назорат қарор дода, ба маблағи 13954 сомонӣ андозҳои иловагиро ошкор намуд. Аз натиҷаи назорати камералӣ дар фаъолияти ҷамъияти мазкур метавон хулосабарорӣ намуд, ки таъмини воқеии талаботи мактубҳои дастурии Кумитаи андоз метавонад дар пешрафти корҳо дар самти ошкор намудани қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон мусоидат намояд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**ноҳияи Ёвон**

# Сабукиҳои андозӣ баҳри рушди соҳибкорӣ

**Яке аз омилҳои асосие, ки ба ворид шудани маблағҳои пешбинишуда ба буҷети давлатӣ мусоидат менамояд, ин фароҳам овардани фазои мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Нишондиҳандаҳо оид ба рушди истеҳсолот далолат менамоянд, ки аз як тараф, ҳаҷми воқеии истеҳсолоти дохилӣ бо маром афзоиш ёфта, аз дигар тараф, иқтисоди пинҳонӣ кам гардида истодааст. Дар баробари дигар омилҳо содагардонии маъмурикунонии андоз, такмили қонунгузории андоз, татбиқи самараноки имтиёзҳои амалкунанда ва имтиёзҳои нави андозӣ ба рушди соҳибкорӣ таъсири мусбӣ мерасонанд.**

Тавре сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисотон Собир Вазиров қайд намуд, бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ба танзим даровардани санҷишҳои андозӣ мувофиқи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.2018, №1511 тасдиқ шудааст, аз 01.01.2018 санҷишҳои нақшавии ҳуҷҷатии андозсупорандагоне, ки даромади умумии онҳо дар давраи соли тақвимии гузашта бештар аз 25 миллион сомонӣ мебошад, на зиёда аз як маротиба дар як сол ва санҷишҳои нақшавии ҳуҷҷатии андозсупорандагоне, ки даромади умумиашон дар соли тақвимии гузашта аз 25 миллион сомонӣ кам мебошад, на зиёда аз як маротиба дар ду сол гузаронида мешаванд. То соли 2018 нишондиҳандаи мазкур 15 миллион сомониро ташкил менамуд.

Ҳамчунин, санҷиши нақшавии ҳуҷҷатии аввалини фаъолияти субъекти соҳибкории хурд, ки супорандаи андози низоми содакардашуда мебошад, танҳо пас аз сипарӣ шудани 36 моҳи пурраи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии он амалӣ мегардад. То соли 2018 нишондиҳандаи мазкур 24 моҳҳро ташкил медод.

Мувофиқи тағйиру иловаҳо ба сархати панҷуми қисми 9 моддаи 29 Кодекси андоз, аз 01.01.2018 ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда санҷиши андоз гузаронида намешавад.

С. Вазиров инчунин, изҳор дошт, ки бо мақсади рушди соҳаи ҳунарҳои мардумӣ, ки асосан, аз ҷониби занҳо амалӣ карда мешаванд, мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.02.2018, №60, "Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451" 106 намуди фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба онҳо аз пардохти ҳамаи намуди андоз озод карда шудаанд.

Ҳамзамон, дар асоси қонуни зикршуда ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармояи ватанию хориҷӣ барои рушди истеҳсолоти саноатӣ, ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор сабукиҳову имтиёзҳои андозии иловагӣ пешбинӣ гардидаанд, ки чунинанд:



- бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмиҳо ва баҳсҳои беасос дар Кодекси андоз моддаи алоҳида (Моддаи 21) ворид карда шуд, ки тибқи он ҳангоми вуҷуд доштани духӯрагӣ ва (ё) ихтилофот байни муқаррароти Кодекси андоз қарори мақомоти андоз ва ё суд ба фоидаи андозсупоранда қабул карда мешавад;

- тибқи тағйироти ба зербанди г) банди 24) воридшуда, минбаъд қарзи андози беэътимод эътирофгардидаи андозсупоранда даромади андозбандишаванда дониста намешавад;

- аз рӯи маблағи қарзҳои мушкилситон ва батаъхиргузошташудае, ки тибқи қонунгузорӣ нисбати онҳо имконияти нисбатан дертар аз мӯҳлати муқарраршуда пардохт намудани қарзҳо муайян шудааст, фоиз ҳисоб карда намешавад;

- меъёри ҳисоб кардани фоиз барои ҳар рӯзи тақвимии мавҷуд будани бақияпулӣ аз ҳаҷми 0,08 фоиз ба 0,05 фоиз паст карда шуд;

- таҳвили (фурӯши) либосҳои шакли ягонаи мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ ва маводи доруворӣ истеҳсоли ватанӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуд;

- воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техники истеҳсолоти амалкунанда, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, ашёи хом (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ва корхонаҳои дӯзандагӣ, маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат, технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуд;

- аз пардохти 50 фоизи маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо озод намудани воридот ва таҳвили минбаъдаи автомашинаҳои нав (аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта, масофаи тайнамудаашон то 10 (даҳ) ҳазор километр бошад) бо мавқеи молии 8702, 8703, 8704 ва 8705 муқаррар шуд.

Мувофиқи супориши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳо ворид карда шуд. Дар ин замина, тибқи тартиб, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06.2019, №327 тасдиқ шудааст, воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2019, №1620 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба қисми 4 моддаи 169 ва боби 471 Кодекси андоз тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки тибқи он субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба мӯҳлати 6 сол аз пардохти андозҳои зерин озод мебошанд:

- андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда);

- андоз аз арзиши иловашуда;

- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

- андоз аз объектҳои ғайриманқул;

- андози замин.

Ҳамчунин, тибқи сархати 18 қисми 4 моддаи 169 Кодекси андоз воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошад. Тибқи тағйироти ба моддаҳои 169 ва 313[1] Кодекси андоз воридшуда, минбаъд имтиёзҳои дар боло қайдшуда дар баробари корхонаҳо, инчунин, ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ низ, ки ба фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво машғул мебошанд, татбиқ мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар қонунгузории андоз имтиёзҳои андозие пешбинӣ шудаанд, ки дар сурати мувофиқ будан ба критерияҳои имтиёзҳои андозӣ, онҳо ба таври автоматӣ амалӣ гашта, бақайдгирии махсусро дар мақомоти андоз тақозо намекунанд ва андозсупоранда уҳдадор мебошад, ки баҳисобгирии дуруст ва мақсаднокии истифодаи онҳоро таҳлил намояд ва дар эъломияҳои андозӣ ба таври электронӣ ҳисобот диҳад. Дар баробари ин, имтиёзҳои андозие низ мавҷуд мебошанд, ки бақайдгирии махсуси мақомоти андозро тақозо мекунанд, аз ҷумла корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд ё субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок.

Сабукиҳои қайдшуда, албатта, ба рушди соҳибкорӣ равона шудаанд ва чунин дастгирӣ аз соҳибкорон масъулият ва шаффофияти бештарро талаб мекунад.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Турция на законодательном уровне начала вводить налог на проживание в отелях

## Начальная ставка налога составит 2% от цены размещения



В Турции началась реализация планов по налогообложению постояльцев гостиниц, пансионатов и прочих мест расселения туристов. Сегодня в парламенте успешно прошло первое чтение соответствующего проекта закона, пишет Росбалт.

Начальная ставка налога составит 2% от цены размещения, но президент страны будет иметь право в два раза увеличить или уменьшить ее: до 1% или 4%.

Данная мера будет реализована уже в будущем году. Собранные денежные средства пойдут в бюджет страны, а не муниципалитета.

## Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии Ҷумҳурӣ махсуб мешавад, барои соли 2020 идома дорад. Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пасттар аст.

# Зуҳуроти номатлуб

**Терроризм ва ифротгарой дар замони имрӯза аз зуҳуроти номатлуб ба шумор мераванд. Чунин зуҳурот боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш - таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин ба ҳайати арбоби давлатию ҷамъиятӣ, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низоми миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад.**

Терроризм аз нуқтаи назари ҳуқуқ, содир шудани амалҳое мебошад, ки ба одамон хатари марг ба миён меоварад. Зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқир ва паст задани шаъну шарафти инсон, хусусан, гурӯҳҳои дигари этникӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат метавонад эътирозро ба вуҷуд оварад, ки он шояд ба ифротгарой оварда расонад. Чи тавре ки ҷараёни таърихӣ нишон медиҳад, ғояҳо ва идеологияҳои ифротгарой, ҳамчун ҳодиси сиёсӣ, дар ду маврид ба миён меояд.

Имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳониро фаъолияти номатлуби ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ва ифротгарой ба ташвиш оварда, ба масъалаи доғи рӯзи ҷаҳони муосир табдил ёфтааст. Зеро фаъолияти ташкилотҳои тундрав ба амнияти миллии бисёр кишварҳои олам хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Террористон мехоҳанд мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм амалӣ созанд. Ин зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон: дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто варзиш низ ба миёнояд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид шудааст: **«Мутаассифона, дар олами ислом равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Ин ба моҳияти дини мубини ислом мухолиф аст ва ба он иснод меорад».**

Мо дар даҳсолаҳои охир шоҳиди падидаҳои манфии иҷтимоӣ, ки ҳаёти ҷамъиятиву сиёсиро халалдор намуда, ба сулҳу субот ва амнияти давлат халал ворид менамоянд, гардидаем. Ин тамоюл, бешак, мардуми ватандӯст, бахусус, қишрҳои солимфикру пешоҳанги ҷомеаро, ки осудагиву ваҳдати миллӣ ва суботу амнияти барояшон азиз аст, бетараф гузошта наметавонад. Ин мушкилиест, ки миёни ҷавонон то андозае маълум буда, ҳалли дурусту оқилона ва сариваќтиро тақозо дорад. Мақсаду ниятҳои террористон, пеш аз ҳама, халалдор сохтани осоиштагию амнияти мардум, коштани тухми тарсу ҳарос байни аҳли сайёра, воҳимаангезию иғвогарӣ ва халал расонидан ба неруҳои давлатӣ мебошад.

Аз ин рӯ, моро мебояд, ки ба ҳар як рафтору гуфтор воқеъбинона ва бо андешаи солим нигаристу муносибат кард. Набояд фирефтаи суханҳои беасоси гурӯҳҳои ифротгаро шуд. Зеро ин гурӯҳҳо барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ аз тамоми воситаҳо истифода мекунанд. Барои онҳо, махсусан, олудасозии мафкураи наврасону ҷавонон ҳадафи асосӣ мебошад. Имрӯз роҳи ягонаи пешгирии амали ҷавонон аз ифротгароию тундгарой баланд бардоштани сатҳи дониши динию дунявии онҳост. Аз ин хотир, ҳар як шаҳрванди кишвар бояд ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расида, ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва фирефтаи ақидаҳои бебунёди ифротгарой нашавад.

Робитаи оила, мактаб ва ҷомеа бояд хеле зичу устувор бошад. Аммо нақши асосиро дар ин росто оила бозӣ мекунад. Агар оила солим бошаду тарбия дар сатҳи хуб ҷараён гирад, фарзанд солим тарбия меёбад. Падару модар бояд ба фарзанди худ вақт ҷудо кунанд, пурсанд, ки фарзандашон бо чӣ кор машғул аст, дар бораи чӣ фикр мекунад, чиро мехонад ва тамошо мекунад. Бояд ба хурдтарин тағйир дар рафтору гуфтору кирдори фарзандон таваҷҷуҳ кунанд. Агар шахс босавод, ботарбия, дорои ҷаҳонбинии васеъ, огоҳ аз муқаддасот ва арзишҳои имрӯзи ҷомеа бошад, ба гурӯҳҳои ифротию экстремистӣ ҳеҷ гоҳ пайваст намешавад.

Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки наврасону ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстию худогоҳӣ тарбия кунем. Нагузорем, ки онҳо ба гурӯҳҳои бегонаву тундрав ҳамроҳ шаванд ва ҷони худро дар хатар гузоранд.

**Фирӯза ИБОДОВА,**
**омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и шаҳри Ваҳдат**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**
*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.




**Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»**

## СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии “Амонатбонк” қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Техсохтбино» (РЯМ 0410028365) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Азимҷон 96» (РЯМ 0410003752, РМА 040015142) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Абдуллоҳ 2017» (РЯМ 0310018500) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶСК «Бунёдкор Интернешнл» (РМА 030009941) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Ниёзмуҳаммад» (РЯМ 3510004676) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Чинор» (РЯМ 5110007815) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Шаҳром-2007» (РЯМ 3110001593) воқеъ дар ноҳияи Хуросон, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Ислом-2012» (РЯМ 2910004066) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ХАТЛОН» (РЯМ 0310005768) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Юсупов Хайридин (РЯМ 0330004015) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Хронос» (РЯМ 0210000487) аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.




■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидова Манзура (РЯМ 0331393251) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Аминҷонова Зумратхон (РЯМ 0331393545) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Носиров Фаррух (РЯМ 2230027837) аз ноҳияи Данғара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳматов Суҳроб (РЯМ 0331330478) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Тура Ҳакимджони Тура (РЯМ 0331408110) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Надиров Ҷамолиддин (РЯМ 3730064525) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалliқ ба Х/Д «Парвиз» (РЯМ 1630008747) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Ҳалимов Саймудин (РЯМ 0331387568) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Зуҳурова Фируза (РЯМ 0530184985) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Умаров Ҳайит (РЯМ 6230040346) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Абдулҳамид (РЯМ 0331313428) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Урунова Рафоат (РЯМ 5130135432) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирхаяев Эргаш (РЯМ 5730149095) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалliқ ба «Маркази муҳандисони Қурғонтеппа» (РЯМ 2810002269) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ризвонов Ҳакимҷон (РЯМ 3830004228) аз ноҳияи Шаҳритуз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Бояд гуфт, ки дар ин самт, яъне паст кардани бори андоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қарор қабул намудааст. Масалан, меъёри (ҳаҷми) андозҳои асосӣ – андоз аз арзиши изофа аз 28 то 20 %, андоз аз фоида аз 40 то 25 %, андоз барои ҳифзи иҷтимоӣ аз 37 то 25 %, андози содакардашуда аз соҳибкорони хурд аз 10 то 4 %, андоз аз фурӯши пахта аз 23 то 10 %, андоз аз фурӯши алюминий аз 4 то 3 % паст фуроварда шуданд. Ҳаҷми (меъёри) аксизҳо аз молҳои аксизӣ 1,5 – 2 баробар кам гардиданд. Ҳамаи ин тадбирҳо барои то андозае ба ҷунбиш омадани фаъолияти иқтисодии аҳолӣ ва баланд гардидани суръати пешрафти иқтисодиёт мусоидат намуданд.

Бо вуҷуди ин, наметавон гуфт, ки меъёрҳои (ҳаҷми) андозҳои дар ҷумҳурӣ амалкунанда ба дараҷаи кофӣ қонеъкунандаи талабот (оптималӣ) мебошанд. Чунонки таҷрибаи кишварҳои дигари иқтисодиёти давраи гузаришдошта, махсусан, Федератсияи Россия нишон медиҳад. бояд дар оянда ҳам роҳи пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти коҳиш додани (паст кардани) меъёрҳои (ҳаҷми) андоз, аз ҷумла андоз аз фоида, андоз аз даромад идома дода шавад.

Пас аз як соли ҷорӣ гардидани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар моҳи декабри соли 2005 ба он тағйиру иловаҳои ҷиддие ворид карда шуданд. Масалан, ба он ду боби нав, андози нав – андоз аз маҳсулоти коркардашаванда ворид гардиданд; ҳадди (зинаи) ба қайд гирифтани ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ чун супорандагони андоз аз арзиши изофа аз нав мавриди назар қарор гирифт, оид ба неругуҳҳои барқи обӣ ва корхонаҳои бофандагии сохташванда режими махсуси андозсупорӣ пешбинӣ шудааст. Вобаста ба тасдиқи Буҷети давлатӣ барои соли 2007 ба Кодекси андоз тағйиру иловаҳо дар самти кам кардани андози ашхоси ҳуқуқӣ ва афзудани меъёри андози ашхоси воқеӣ ворид гардиданд. Яке аз ин навигариҳо баланд бардоштани андози замин ва андози соҳибони воситаҳои нақлиёт мебошанд. Бори аввал меъёри андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба таври мустақим, бевобаста кардан бо меъёри андоз аз замин муқаррар гардид. Бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ қарор шуд, ки аз ибтидои соли 2007 меъёри андози мутафарриқа (дифференсиалӣ) барои амволи ғайриманқул: барои манзили истиқоматӣ дар ҳаҷми 10 – 20, барои амволи ғайриманқули барои савдо ва минтақаҳои истироҳат таъингардида то 150 – 200 баробари меъёри (ҳаҷми) андози замин қабул шавад.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Хурмо ва фоидаи он



**Хурмо самари машҳур ва маълум аст. Мизоҷи ин самар дар дараҷаи дуввум гарм ва дар якум хушк аст.**

Хислатҳои шифобахши он ҳамчун ғизо пурқувват аст, аз он дар бадан хуни устувор пайдо мешавад. Барои иллатҳои фолиҷ, каҷ шудани рӯй ва мондагӣ дармон мешавад. Гурдаи лоғарро қавӣ мегардонад, баданро фарбеҳ мекунад, барои одамони сардмизоҷ қувваи боҳ мебахшад ва беморихои аз сардӣ баамаломадаро шифо мебахшад. Дарди камарро рафъ месозад, буғумҳои баданро мулоим гардонида, барои узвҳои даруни сина ва шуши сардмизоҷон мувофиқ ва форам аст.

Хурморо дар об ҷӯшонида, он обро бо ҳулба биёшоманд, таби балғамиро рафъ месозад, сангҳои гурдаро майда карда мерезонад. Агар ин обро бо биринҷи пухтагӣ бихӯранд, одамони лоғарро фарбеҳ мегардонад.

Хӯрдани хурмо барои одамони гармизоҷ ва сокинони сарзаминҳои гарм зарар дорад. Агар донаки он, яъне тухмашро сӯхта, ос карда, ба решҳои хабиса (злокачественные язвы) бипошанд, сиҳат мебахшад. Инчунин, сӯхтаи онро кӯфта, дар об шуста, хушк карда, ба ҷароҳатдои нав бипошанд, шифо мебахшад ва инро чун сурма ба чашм кашанд, намегузорад, ки мижаҳо бирезанд, биноии чашмро зиёд мекунад, захмҳои чашмро рафъ ва худи чашмро сиёҳ мегардонад.

## ОЁ МЕДОНЕД?



Дар майнаи сари одамизод дар як дақиқа тақрибан 100 000 таъсири кимиёвӣ ба вуҷуд меояд.

x x x

Дар организми одам қариб 2000 ретсепторӣ таъм мавҷуд аст.

x x x



Артиши Ватикан хурдтарин артиши олам арзёбӣ мешавад, ки дар он 150 нафар сарбози содиқ хизмат мекунанд.

## Некӣ бармегардад



Соли 1966 писари 4-солае бо номи Роҷер Лозер дар баҳр, дар наздикии шаҳри Салеми Амрико, ғарқ мешавад. Хушбахтона, ӯро зане бо номи Элис Блейз наҷот медиҳад.

Соли 1974, вақте Роҷер 12-сола буд, дар ҳамон баҳр оббозӣ мекард. Нохост мебинад, ки марде дар об фурӯ рафта истодааст. Ӯ мардро наҷот медиҳад. Маълум мегардад, ки мард шавҳари Элис будааст.

## Суханони ҳакимона

Дӯсти ҳақиқӣ на онест, ки дар мувофиқат бо ту сар меҷунбонад, балки ҳамонест, ки дар мушкилии рӯзгор ёриат мекунад.

x x x

Дар ҷустуҷӯи қалби зебо бошед, на сурати зебо, зеро ҳар он чи зебост, ҳамеша хуб намемонад, аммо он чи хуб аст, ҳамеша зебо мемонад.

x x x

Фаромӯш накунед, дар онҷое, ки ҳурмат набошад, муҳаббат вуҷуд надорад,

x x x

Беҳтарин садақа сухани нек аст, ки аз қалб бархезад ва дардҳои дардмандонро таскин бахшад.

x x x

Агар ирода кунед ва пойдорӣ дошта бошед, бешак, муваффақ хоҳед шуд.

## Панди рӯзгор

Шогирд аз устодаш мепурсад: - Фарқ миёни доно ва нодон дар чист? Устод аз ҷо бархоста, ӯро ба назди кӯҳе, ки чанде пеш як қисмаш фурӯ рафта буд, бурд. Ба вай амр кард, то сангҳоро аз поин ба боло барорад. Шогирд санг мекашиду устод дар сояи дарахте китоб мехонд. То бегоҳ ҳамаи сангҳоро кашонд ва монда ҳам шуд. Аммо аз уҳдаи кор, ки баромада буд, бо сари баланд назди марди хирадманд омад ва аз ӯ пурсид: - Устод акнун метавонам посухи суоламро бигирам?

- Не, - сар ҷунбонд мард. - Ту ҳоло ба ин тайёр нестӣ.

- Пас ин қадар сангро ба боло беҳуда кашондам? – гуфт бо таассуф.

- Устод ангушти ишоратиашро бардошта, посух дод:

- Дидӣ, нодониатро исбот кардӣ, зеро ки зарурати бо ин қадар заҳмат аз поён ба боло кашондани сангҳоро напурсида, масали «ҷони нодон дар азоб»-ро ба ёдам овардӣ. Шахси доно ин суолро қабл аз кашондани санг медиҳад. Ин аст фарқи байни донову нодон.

# Пули маҳтобӣ



**Пули маҳтобӣ – асоситарин ва ҷолибтарин макони боғи шаҳрии Даҳу ба шумор меравад, ки дар минтақаи саноатии Тайбэ, пойтахти Тайван, ҷойгир аст.**

Бо фаро расидани шом нурҳои маҳтоб дар оби кӯл партавафшонӣ мекунанд. Зери нури моҳ пул бо тамоми зебоияш акс меёбад ва ба назар мерасад, ки гӯё осмон бо маҳтобаш дутост, ҳам дар боло ва ҳам дар қаъри кӯл. «Пули маҳтобӣ» ном гирифтанаш низ аз ҳамин ҷост. Субҳгоҳон метавон манзараҳои аҷиберо аз болои ин пули пиёдагузар тамошо кард.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Тоҳир ЧИЛАЕВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 78 856